# Боҷу Хироҷ

Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

№39 (1188)

Панҷшанбе,
26 сентябри соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

МАҚОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


ПРЕЗИДЕНТ



## Самараи сиёсати созандаи Ҳукумати мамлакат

Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони ноҳияи Файзобод

с. 2

# Интиқоли электронии маълумот

Самти муҳими фаъолияти мақомоти андоз – ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ




## МНХ – батанзимоварандаи кори андозсупоранда

Сабабҳои мувофиқи матлаб истифода нашудани мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ

с. 5

СЕМИНАР-МАШВАРАТ

## Самаранокии корҳои фаҳмондадиҳӣ

Ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ бо андозсупорандагон - самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти андоз

с. 8

ПУРСИШ ВА ПОСУХ

## Андозбандии сарватҳои зеризаминӣ

Тоҷикистон - кишвари аз ҷиҳати сарватҳои зеризаминӣ бой

с. 9


ДИҚҚАТ!!! * ДИҚҚАТ!!!

**ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ» БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД**

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**65 СОМОНӢ** НАРХИ ЯКСОЛАИ ОБУНА

СУРОҒАИ МО:

ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:

р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
**РМА** 030007408




## ЭЪЛОН

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансабҳои холӣ озмун эълон менамояд

с. 13 →

# Самараи сиёсати созандаи Ҳукумати мамлакат

## Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони ноҳияи Файзобод

**Ҳамдиёрони азиз!**

Сафари навбатии мо ба ноҳияи Файзобод дар айёми таҷлили ҷашни муқаддаси миллиамон, яъне 28-умин солгарди Истиқлоли давлатӣ баргузор шуда истодааст.

Бо истифода аз фурсат мардуми заҳматпешаи ин диёри зебоманзар ва ҳамаи шумо - ҳозирини муҳтарамро ба ифтихори ин ҷашни муқаддаси миллӣ табрик гуфта, ба хонадони ҳар як сокини ноҳия файзу баракат ва зиндагии орому осуда орзумандам.

Мо дар ҷараёни боздиди имрӯза бовар ҳосил намудем, ки сиёсати созандаи Ҳукумати мамлакат дар ҳамаи самтҳои ҳаёти ноҳияи Файзобод самараҳои нек ба бор овардааст.

Панҷ сол пеш мо бо вазъи корҳо дар самти рушди иқтисодиву иҷтимоии ноҳия шинос шуда, дар мулоқот бо роҳбарону фаъолон доир ба истифодаи самараноки имконияту захираҳои зиёде, ки ноҳияи Файзобод дорад, дастуру супоришҳои мушаххас дода будем.

Ва ҷунонки имрӯз мебинем, бо дастгирии давлату Ҳукумат, заҳмати мардуми шарафманди ноҳия ва саъю кӯшиши соҳибкорону шахсони саховатпеша даҳҳо иншооти иҷтимоӣ ва корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ бунёд гардида, симои ноҳия хеле дигаргун ва садҳо ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шудааст. Дар доираи сафари кории имрӯза мо дар маросими ба истифода додани чандин иншооти муҳимми иқтисодиву иҷтимоӣ иштирок кардем.

Қобили зикр аст, ки роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати рушди соҳаи саноат, бунёди корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва истеҳсоли масолеҳи сохтмон эътибори зарурӣ дода, бо ин роҳ барои таъсис додани ҷойҳои нави корӣ тадбирҳои амалӣ андешидаанд.

Тайи ду соли охир дар ҳудуди ноҳия ду корхонаи коркарди мева, сардхонаҳо, сехҳои истеҳсоли обҳои маъданӣ ва ташнашикан, маҳсулоти қаннодӣ, дӯхти либосҳои мактабӣ ва коркарди шир бунёд карда шудаанд.

Инчунин, дар ду канори шоҳроҳи Ваҳдат-Рашт хеле корҳои ҳамворсозии талу теппаҳо ва шинонидани дарахтони ороишиву гулбуттаҳо анҷом ёфтаанд. Дар маркази ноҳия Парчами давлатӣ қомат афрохта, гулгашти Нишон бунёд карда шудааст. Ғайр аз ин, 9 километр роҳҳои марказ ва деҳаҳои ноҳия асфалтпӯш карда шуда, зиёда аз 20 километр роҳҳои маҳаллӣ таъмиру таҷдид гардидаанд.

Дар ноҳия тибқи нақшаи корҳои ободониву бунёдкорӣ ба истиқболи 30-солагии Истиқлоли давлатӣ бояд 352 иншоот бунёд ва азнавсозӣ карда шавад.

То имрӯз 117 иншооту биноҳо ба истифода супорида, ба масофаи беш аз 8 километр роҳҳои дохилӣ таъмиру барқарор ва 6 километр хатти интиқоли оби нӯшокӣ сохта шудааст.

Иҷрои корҳои ба нақша гирифташуда то имрӯз 30 фоизро ташкил медиҳад, ки қобили таҳсин аст ва зарур аст, ки кор доир ба иҷрои қисми боқимондаи нақша тезонида шавад.

Бояд гуфт, ки Ҳукумати кишвар рушди ҳамаҷонибаи минтақаҳои мамлакатро самти афзалиятноки сиёсати худ эълон намуда, махсусан, барои пешрафти ноҳияҳои кӯҳистон ва деҳоти дурдасти кишвар ҳамаи ҷораҳои зарурӣро амалӣ карда истодааст.

Аз ҷумла бо мақсади таъмин намудани рушди иқтисодиву иҷтимоии ноҳияи Файзобод дар давоми солҳои истиқлол аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузории давлатӣ 445 миллион сомонӣ равона гардидааст.

Илова бар ин, дар доираи панҷ лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи беш аз 300 миллион сомонӣ вазъи инфрасохтори ноҳия хеле беҳтар карда шудааст.

Бо мақсади таъмин намудани тараққиёти ноҳия ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии он Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Файзобод барои солҳои 2016-2020 бо фарогирии 158 лоиҳа ба маблағи 269 миллион сомонӣ қабул гардида, дар се соли гузашта 37 лоиҳа ба маблағи 25 миллион сомонӣ пурра татбиқ шуда, ҳоло корҳои бунёду барқарорсозӣ дар доираи 35 лоиҳа дар ҳаҷми зиёда аз 60 миллион сомонӣ идома доранд.

Вале корҳо вобаста ба татбиқи 86 лоиҳа то ҳанӯз оғоз нашудаанд ва роҳбарони ноҳияро зарур аст, ки якҷо бо дигар сохтору мақомоти давлатӣ ва бо ҷалби соҳибкорону сармоягузорон ҷиҳати иҷрои саривақтии лоиҳаҳои барнома ҷораҷӯӣ намоянд.

Иҷрои тадбирҳои дар барнома пешбинигардида имкон медиҳад, ки дар ноҳия тавассути бунёди корхонаву коргоҳҳои нави истеҳсолӣ ҳазорҳо ҷойи нави корӣ таъсис дода шаванд.

Файзобод ноҳияи аграриву саноатӣ буда, барои бунёди корхонаву коргоҳҳои коркарди маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ имконияти зиёд дорад. Қобили зикр аст, ки ҳоло дар ноҳия 21 корхонаи саноатӣ фаъолият дошта, дар 7 моҳи соли ҷорӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 19 миллион сомонӣ баробар шудааст.

Ин нишондиҳанда назар ба ҳамин давраи соли гузашта дуюним баробар зиёд мебошад. Роҳбарону мутахассисони ноҳия ва соҳибмулкони корхонаҳои саноатӣ бояд суръати афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатиро боз ҳам вусъат бахшанд, зеро барои ин ҳамаи захираву имкониятҳои зарурӣ мавҷуданд.

Дар ин раванд, зарур аст, ки ба масъалаҳои такмили идораи истеҳсолот, баланд бардоштани сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда ва ҷалби воситаҳои иловагии молиявӣ ба корхонаҳо ҷораҷӯӣ карда шавад.

Дар шаш моҳи соли равон аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба аҳолӣ дар ҳаҷми қариб 18 миллион сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта беш аз 4 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Ҷиҳати таъмин намудани рушди минбаъдаи ноҳияи Файзобод роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва Вазорати саноат ва технологияҳои нав вазифадоранд, ки якҷо бо сохторҳои дахлдори давлатӣ дар асоси таҳлили иқтидорҳои мавҷуда масъалаи таъсис додани корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва масолеҳи сохтмонро ҳамаҷониба баррасӣ карда, ҳамкориро бо соҳибкорону сармоягузорон ба таври васеъ ба роҳ монанд.

Тибқи таҳлилҳо ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар моҳҳои январ — июли соли 2019-ум 103 миллион сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 23 фоиз зиёд шудааст.

Ҳарчанд ки дар ин муддат 8 гектар замин ба гардиши кишоварзӣ ворид карда, 25 гектар заминҳои нав аз худ ва бо об таъмин гардидаанд, аммо ин нишондиҳанда ҳоло ҳам қонеъкунанда нест. Илова бар ин, солҳои охир сифати хизматрасонии техникии шабакаҳои обрасонӣ ва дигар иншооти обии полезӣ ба масъалаи ташвишовар табдил ёфтааст.

Бинобар ин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Файзобод бояд якҷо бо Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ ҷиҳати пешгирӣ кардани баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ, аз гардиши кишоварзӣ берун мондани заминҳо, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо ва азхудкунии заминҳои нав тадбирҳои иловагӣ андешида, якҷо бо Вазорати кишоварзӣ ҳамкориро бо соҳибкорону сармоягузорон ҷиҳати бунёди гармхонаву сардхонаҳо тақвият бахшанд.

Бо дарназардошти таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати кишвар ба соҳаи парандапарварӣ зарур аст, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Файзобод барои рушди ин соҳа шароити мусоид фароҳам оварда, ҷиҳати ба роҳ мондани истеҳсоли хӯроки паранда, инчунин, тараққӣ додани соҳаи моҳипарварӣ, ки дар ноҳия дар ин самт имкониятҳои мусоид мавҷуданд, тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Кишоварзони ноҳия соли ҷорӣ 312 гектар боғу токзорҳои нав бунёд кардаанд, ки ин нишондиҳандаи хуб аст. Зарур аст, ки таҷрибаи ташкили боғу токзорҳо дар заминҳои лалмӣ ва талу теппаҳо бештар ба роҳ монда шавад.

Ҳамчунин, хотиррасон месозам, ки дар ноҳияи Файзобод барои рушди соҳаи санбӯриасалпарварӣ, содироти ин намуди ғизои пуркимати табобатӣ ва бо ҳамин роҳ фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ шароити хуб ва имкониятҳои васеъ мавҷуданд.

Дар робита ба ин, масъалаи омодагӣ ба зимистонро таъкид менамоям. Зеро тибқи маълумоти мутахассисон зимистони дарпешистода сарду тӯлонӣ меояд. Бинобар ин, зарур аст, ки ба захираи маводи озуқаворӣ, сӯзишворӣ ва омода кардани муассисаҳои иҷтимоӣ, шабакаҳои барқ ва роҳҳо аз имрӯз сар карда, эътибори аввалиндараҷа дода шавад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Тавре пайваста таъкид менамоям, масъалаи солимии аҳолӣ дар маркази таваҷҷуҳи доимии давлату Ҳукумати Тоҷикистон қарор дошта, оиндаи ҳар миллат ва пойдории он аз сиҳатии сокинонаш вобаста мебошад.

Ҳоло дар ноҳияи Файзобод ба аҳолӣ 52 муассисаи тандурустӣ хизмат мерасонад, ки дар онҳо 116 нафар табибон ва 445 нафар кормандони миёнаи тиббӣ фаъолият мекунанд.

Ҳамчунин, дар ноҳия 2 маркази саломатии муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти муосири тиббӣ сохта, ба истифода супорида, ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Президенти мамлакат шароити 16 маркази саломатӣ беҳтар гардонида шудааст.

Мо барои рушди соҳаи маориф, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, сатҳи донишомӯзӣ ва малакаву маҳорати толибилмон тамоми имкониятҳоро сафарбар карда истодаем.

Дар давраи истиқлол дар ноҳияи Файзобод 38 муассисаи нави таълимӣ ва биноҳои иловагӣ барои беш аз 6200 нафар хонанда сохта, ба истифода супорида шудааст. Танҳо соли 2019 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ 6 мактаби нав бо зиёда аз 1000 ҷойи нишаст мавриди баҳрабардорӣ қарор дода мешавад.

Илова бар ин, вақтҳои наздиктарин аз ҷониби ширкати «TBEA»-и Ҷумҳурии Мардумии Чин дар деҳаи Элок сохтмони муассисаи таълимӣ барои 2400 нафар хонанда оғоз мегардад.

Аз соли 1997 то имрӯз 320 нафар хатмкардагони мактабҳои ноҳияи Файзобод тибқи квотаи президентӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар дохил шудаанд. Ҳоло шумораи умумии донишҷӯёни мактабҳои олии касбии кишвар аз ноҳия беш аз 2600 нафар буда, 67 нафар дар муассисаҳои таҳсилоти олии давлатҳои хориҷӣ таҳсил мекунанд.

Дар ноҳияи Файзобод ҳоло 62 муассисаи таҳсилоти умумӣ, маркази эҷодии кӯдакону наврасон, маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳо амал менамояд. Дар муассисаҳои таълимии ноҳия зиёда аз 22 ҳазор нафар хонандагон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки қариб 11 ҳазор нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд.

Мо имрӯз дар деҳаи Сари Чашма як мактаби навбунёдро, ки дар он барои таълиму тарбияи фарзандони мардуми деҳа тамоми шароити зарурӣ муҳайё карда шудааст, ба истифода супоридем ва санги асоси сохтмони шуъбаи маорифро гузоштем, ки то ҷашни 30- солагии Истиқлол ба анҷом расонида мешавад.

То имрӯз фарзандони мардуми деҳаи Сари Чашма бо сабаби набудани мактаб роҳи дарозро тай карда, ба деҳаҳои дигар барои таҳсил рафта меомаданд. Дар натиҷа тайи солҳои охир 13 ҳолати ба садама дучор шудани хонандагон ҳангоми аз роҳ гузаштан рӯй додааст.

Дар баробари пешравиҳои зикршуда, дар соҳаҳои маорифу тандурустии ноҳия барои баланд бардоштани сатҳу сифати донишомӯзӣ, бунёди иншооти соҳа, таъминоти онҳо бо таҷҳизоту лавозимоти зарурӣ ва мутахассисони баландихтисос ҳанӯз корҳои зиёд дар пешанд.

Аз ин лиҳоз, роҳбарони ноҳия ва масъулони соҳаи маориф вазифадоранд, ки бо ҷалби харҷи бештари соҳибкорону тоҷирон, падару модарон ва аҳолӣ доир ба мунтазам беҳтар кардани шароити таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ҷораҷӯӣ намоянд.

**Ҳамдиёрони гиромӣ!**

Ноҳияи Файзобод яке аз гӯшаҳои бостонии кишварамон буда, тибқи маълумоти муаррихон таърихи беш аз дуҳазорсола дорад. Дар китоби «Тоҷикон»-и аллома Бобоҷон Ғафуров омадааст, ки шаҳри Вашгирд, яъне Файзободи имрӯза дар байни рӯдҳои Кофарниҳону Вахш ҷой дошта, дар баробари Чағониён, Аҳорун, Шумон ва Кумод як мулки ободи минтақа ба ҳисоб мерафтааст.

Манбаъҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки Вашгирд дар аввали асри якуми милодӣ ба вуҷуд омада, дар асрҳои 9-11 яке аз марказҳои калонтарини маданӣ, илмӣ, ҳунарӣ ва тиҷорати Бохтари Шимолӣ ба шумор мерафт. Шаҳр дорои қалъа, шаҳристон ва работ будааст, ки бозмондаҳои он то ҳол бо номи Қалъаи сангин мавҷуданд.

Дар натиҷаи ҳафриёти харобаҳои Вашгирд маълум гардид, ки дар асрҳои миёна, яъне аз асрҳои 3-2 то милод то асрҳои 6-16 мелодӣ шаҳри Вашгирд макони обод ба ҳисоб рафта, дорои Қалъаи сангин, Қалъаи Фотимаи Зуҳро ва шаҳристону работ будааст.

Мардуми Файзобод бо таъриху фарҳанги худ ифтихор менамоянд. Оромгоҳи имрӯзаи деҳаи Сари Чашма дар қатори 27 мавзеъҳои таърихиву фарҳангии Тоҷикистон ҳамчун мамнуъгоҳи таърихy фарҳанг ба қайд гирифта шудааст.

Таърихи куҳани ноҳия ва таҷрибаи шахсони обрӯманди он аз насли бузургсоли имрӯза, аҳли зиё ва падару модарон тақозо менамояд, ки наврасону ҷавононро дар рӯҳияи арҷ гузоштан ба таъриху фарҳанги халқамон, муқаддасоти Ватан, ҳисси баланди миллӣ ва ифтихори ватандорӣ тарбия намоянд.

Сокинони Файзобод табиатан адабпарвару суханшинос, дӯстдори санъату фарҳанг ва илму ҳунар мебошанд. Шоиронy санъаткорон – фарзандони ноҳия дар рушди илму фарҳанги кишварамон саҳми арзишманд гузоштаанд ва дар байни мардуми Тоҷикистон ва ҳатто берун аз он маъруфанд.

Зарур аст, ки анъанаҳои неки онҳо ба хотири тарбияи наврасону ҷавонон, ба воя расонидани истеъдодҳои нав ва рушди боз ҳам бештари илму фарҳанги миллиамон идома дода шаванд.

Зеро дар шароити пуртазоди замони муосир маҳз ҳамин хислатҳо барои ҳифзи таърихи ибратомӯзи халқамон ва таҳкими пояҳои давлати муосири миллиамон бисёр заруранд.

Ҳар як фарди бонангу номуси ноҳия, зиёиён ва аҳли маориф, инчунин, падару модарон вазифадоранд, ки наврасону ҷавононро аз таъсири унсурҳои фарҳанги бегона ва тарғибгарони ақидаву андешаҳои ифротгароиву радикалӣ эмин доранд.

Мо ҳама – хурду бузурги кишвар бояд шукронаи давлати соҳибихтиёр, Ватани озоду обод ва зиндагии орому осударо ҳамеша ба ҷо орем ва кӯшиш кунем, ки фарзандони худро ҳамчун насли созанда, донишманд, соҳиби касбу ҳунарҳои замонавӣ ва сазовори номи неки миллати тамаддунсози тоҷик ба камол расонем.

Бовар дорам, ки мардуми шарафманди ноҳияи Файзобод ва ҳамаи шумо — ҳозирини гиромӣ минбаъд низ рисолати муқаддаси худро ба хотири тақвияти иқтидори давлати соҳибихтиёри тоҷикон содиқона иҷро карда, ҳамаи саъю талош ва ҳиммату ғайрати худро барои ободии Тоҷикистони азизамон, инчунин, ҳифзи дастовардҳои истиқлол, таҳкими суботу оромӣ ва ваҳдати миллӣ сафарбар мекунед.

Дар охир ба ҳар яки шумо саломативу хушбахтӣ, рӯзгори обод ва дар кору фаъолияти ҳаррӯзаатон барору комёбӣ орзу менамоям.

**Сарбаланду хонаобод бошед!**

# Корҳои ободонию созандагӣ дар Файзобод

**Дар доираи сафари корӣ дар ноҳияи Файзобод Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дастовардҳои меҳнатии сокинони ноҳия шинос шуда, як қатор иншооти ҷашниро ифтитоҳ намуданд.**



## Хоҷагии деҳқонии «Хайриддин»

Дар намоишгоҳ хоҷагиҳои ҷамъиятӣ, деҳқонию инфиродӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ ва сокинони меҳнатдӯсти ноҳия маҳсули меҳнати хешро ба маърaз гузоштанд. Раста ва манораҳои пур, фаровонии маҳсулот, ҳосили зироати ғалла, сабзавот, полезиҳо, картошка, мева ва дигар номгӯи ҳосили зироати кишоварзӣ дар ин намоишгоҳ самараи меҳнати пайваста, истифодаи самараноку оқилонаи обу замин ва риояи қоидаҳои агротехникӣ аз ҷониби хоҷагидорони ноҳияи Файзобод мебошад.

Ба Президенти мамлакат иттилоъ дода шуд, ки соли равон аз ҷониби кишоварзони ноҳияи Файзобод дар масоҳати қариб 7 ҳазор гектар кишти зироати кишоварзӣ, аз ҷумла, дар майдони 2500 гектар ғалла, 700 гектар сабзавот, 820 гектар картошка, 1000 гектар зироати техникӣ ва инчунин кишти зироати хӯроки чорво гузаронида шудааст.

Пешвои миллат ба себи Файзобод, ки аз лиҳози таъм назир надорад, таваҷҷуҳ зоҳир карда, барои истифодаи самараноки имконоти мавҷуда, боз ҳам зиёд намудани масоҳати себзор, дар ин замина таъмини бозори дохилӣ бо себи хушсифат ва ҳамчунин афзоиш бахшидани ҳаҷми содироти он ба хориҷи мамлакат масъулонро вазифадор карданд.

Сипас, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ниҳолхонаи навбунёди хоҷагии ниҳолпарварии «Хайриддин» дидан намуданд. Ба иттилои хоҷагидорон, дар ин ниҳолхона, ки майдони 1,5 гектарро ташкил медиҳад, 20 ҳазор бех ниҳоли дарахтони 4-солаи ороишӣ шинонида шудааст. Ниҳолҳои ороишии можжевелник, санавбари элдарӣ, сарви шарқӣ ва сарвинози аризониро хоҷагидорон аз шаҳри Ваҳдат дастрас намудаанд. Ғайр аз ин дар ин ҷо 5 ҳазор бех ниҳоли дарахтони мевадиҳандаи 2-сола, аз қабили себ, олу, олучаи пайвандӣ, гелос ва ғайра парвариш карда мешаванд. Мақсад аз таъсиси ниҳолхона дар ин мавзеъ таъмин намудани ноҳия бо ниҳоли дарахтони ороишӣ ва инчунин хоҷагиҳои боғпарвари мамлакат бо ниҳоли дарахтони мевадиҳанда мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нашъунамои ниҳол ва инчунин навъҳои гуногуни зироати кишоварзиро дар хоҷагии деҳқонии «Хайриддин» мувофиқи матлаб дониста, масъулонро барои васеъ намудани масоҳати ниҳолхона ва зиёд кардани номгӯи ниҳоли дарахтони ороишию мевадиҳанда ҳидоят намуданд.

## Майдончаҳои варзишӣ ва маркази хизматрасонӣ

Иншооти варзишӣ аз ҷониби соҳибкори ватандӯст Ҷамшед Ғаффоров бунёд гардида, аз ду майдончаи универсалӣ ва ҳуҷраҳои ивази либос, мағоза ва дигар иншооти ёрирасон иборат мебошад.

Зимни шиносоӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, масъулонро ҷиҳати тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим ва оммавигардонии варзиш, хусусан миёни ҷавонону наврасон ҳидоят намуданд.

Ҳамчунин, дар шафати иншооти варзишӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ду маркази хизматрасониро, ки аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ бунёд гардидаанд, ифтитоҳ карданд.

Зимни шиносоӣ ба Пешвои миллат иттилоъ дода шуд, ки ҳар як иншоот аз 4 ошёнаи бисёрфунксионалӣ иборат буда, қабати якуми биноҳо аз марказҳои хизматрасонӣ, аз ҷумла гӯшаи ҳунарҳои мардумӣ, оҳангарӣ, чӯбтарошӣ, сехи дӯзандагӣ, мағозаи фурӯши маҳсулоти тайёр, толори арӯсӣ ва кошонаи ҳусн иборат мебошад. Қабатҳои болоии бино ҳамчун хонаи истиқоматӣ пешбинӣ гардидаанд.

Аснои шиносоӣ Пешвои миллат ба ҳимматии ҷавонмардонаи соҳибкорон баҳои баланд дода, таъкид доштанд, ки ба василаи чунин марказҳои хизматрасонӣ метавон ба рушди ҳунарҳои мардумӣ ва ба ҷалби ҷавонон ба ин самт мусоидат намуд.

## Гузоштани санги асос барои бунёди бинои шуъбаи маориф

Мувофиқи лоиҳа бинои шуъбаи маорифи ноҳияи Файзобод сеошёна буда, он бо дарназардошти набудани шароити мувофиқу муосири фаъолият барои кормандони соҳаи маориф сохта мешавад.

Дар бинои шуъбаи маориф ҳуҷраҳои корӣ, маҷлисгоҳ бо 80 ҷой ва ҳуҷраҳои хоб ҷойгир карда мешавад. Бинои маъмурии шуъбаи маорифи ноҳияи Файзобод аз ҳисоби маблағҳои ҷумҳуриявӣ бунёд карда мешавад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми шиносоӣ ба лоиҳаи сохтмони бинои шуъбаи маорифи ноҳияи Файзобод ба масъулон ва сохтмончиён ҷиҳати бо сифати баланд бунёд кардани иншоот дастуру ҳидоятҳо доданд.

Дар маркази ноҳияи Файзобод сохтани бинои нави шуъбаи маорифи ноҳия аз дастгириву таваҷҷуҳи бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба соҳаи маориф ва муҳайё кардани шароити муосир шаҳодат медиҳад. Бо сохта ба истифода додани бинои нави шуъбаи маорифи ноҳия дар оянда барои кормандон шароити созгори фаъолият фароҳам оварда мешавад ва ин омил дар пешрафти кори соҳа заминаи мусоид мегузорад.

## Гузоштани гулчанбар дар назди Нишони давлатӣ

Дар доираи сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таваҷҷуҳи бевоситаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази ноҳияи Файзобод гулгашти зебою замонавӣ сохта шуда, Нишони давлатӣ, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муқаддасоти миллӣ қомат афрохтааст.

Бунёди Нишони давлатӣ дар маркази ноҳия аз таърихи пурғановати халқи тоҷик гувоҳӣ медиҳад ва эҳсоси баланди ватандориву худшиносии ҳар як фарди шарафманд ва бонангу ноҳияро бедор месозад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид ва шиносоӣ аз гулгашт ба роҳбарияти маҳомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Файзобод ҷиҳати вусъат бахшидани корҳои созандагию бунёдкорӣ ва ба шаҳраки зебою замонавӣ табдил додани маркази ноҳия дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

## Намоишгоҳи дастовардҳои корхонаҳои истеҳсолии ноҳия

Дастовардҳои аҳли заҳмати ноҳияи Файзобод имсол дар ҳама бахшу соҳаҳо аз ҷумла, боғдорӣ, зироаткорию сабзавоткорӣ, чорводориву парандапарварӣ, истеҳсоли молу маҳсулоти тару тозаи табиӣ назаррас буда, деҳқонони асил бо тавлиди маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тоза дар ғанӣ гардидани бозори истеъмолӣ ва фаровонии дастархони сокинони ноҳия ва ҷумҳурӣ саҳми босазо доранд.

Аснои шиносоӣ бо дастовардҳои меҳнаткашони ноҳияи Файзобод Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарону хоҷагидорон дар самти истифодаи босамари замин, истеҳсоли молу маҳсулоти босифати ватанӣ, ҷамъоварии гулу гиёҳҳои шифобахш ва коркарди он дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Кормандони Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Файзобод дар баробари ҳифзи олами ҳайвоноту набототи нодир, инчунин, дар самти бунёд, барқарорсозӣ ва нигоҳубини ҷангалзор фаъолияти назаррас дошта, дар намоишгоҳ дастовардҳои худро пешниҳод намуданд. Гӯшаи дастовардҳои ин ниҳодро намунаҳо аз меваҳои тухмдору донадор, хушкмева, чормағз, бодоми талх, хуч, ғалла ва гиёҳҳои шифобахш дар бар мегирад. Кормандони муассисаи мазкур дар мавсими имсола 300 кило гулу гиёҳҳои шифобахш ҷамъоварӣ кардаанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар намоишгоҳ аз дастовардҳои меҳнатии аҳли заҳмати ноҳияи Файзобод шиносоӣ пайдо карда, барои афзун намудани иқтидори истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ, рушди бахшҳои соҳаи кишоварзӣ ва ободу зебо намудани ҳар як гӯшаи ватани азизамон ба сокинони меҳнатқарини ноҳия ҳидоятҳои судманд доданд.

## Толори варзишӣ дар ноҳияи Файзобод

Дар назди толори варзишии навбунёд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҷавонони саодатманду сарфарози ноҳия бо рӯҳияи болидаву самимияти беандоза ва садоқати бепоён ба Пешвои миллат истиқбол карданд.

Дар рафти шиносоӣ ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки толори варзишӣ зиёда аз 400 ҷойи нишаст дорад ва асосан барои баргузор намудани бозиҳои футболи хурд, волейбол ва баскетбол пешбинӣ гардидааст.

Бо бунёд шудани иншооти замонавии солимгардонӣ шароити арзанда барои баргузор кардани мусобиқаҳои варзишӣ фароҳам гардид. Акнун насли наврасу ҷавони ноҳия имкон доранд, ки дар вақтҳои озод аз омӯзиши барномаҳои таълимӣ ба тамрин машғул шаванд ва аз имконияти муҳайёгардида босамар истифода намоянд.

Ҳадаф аз бунёди чунин толорҳои муосири варзишӣ дар миқёси мамлакат бо дастгирӣ ва ғамхориҳои бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин ҷалби наврасону ҷавонон ба варзиш ва ба ин васила ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни ҷомеа мебошад.

## Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 64

Тавре ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, муассисаи мазкур дар деҳаи Саричашмаи деҳоти «Ҷавонон» аз ҷониби оилаи Худоёрзодаҳо бо сифати баланд ва ҷавобгӯ ба меъёрҳои сохтмонӣ бунёд гардида, дорои 640 ҷойи нишаст дар ду баст мебошад. Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 64 бо ҷалби сохтмончиёни маҳаллӣ дар давоми 1 сол бунёд ёфта, аз як ошёна иборат мебошад.

Дар муассисаи таълимӣ бо мақсади дар сатҳи баланд ва роҳ мондани сифати таҳсилот, ҳамаи 9 синфхона, аз ҷумла синфхонаҳои забони русӣ, англисӣ, забон ва адабиёти тоҷик, физика, биология, математика, химия бо таҷҳизоти зарурии таълим муҷаҳҳаз гардонида шудааст. Илова ба ин, дар дохили муассисаи таълимӣ барои кӯдакони аз 5 то 7-сола Маркази инкишофи кӯдак ташкил шудааст, ки дорои тамоми шароити таълиму тарбия мебошад. Бо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани мактаби мазкур 32 нафар омӯзгори ноҳия, аз ҷумла 22 зан бо ҷойи кор таъмин шуданд.

Зимни боздид Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, ифтитоҳи ин муассисаи таълимиро беҳтарин туҳфа ба хонандагон ва омӯзгорони ноҳияи Файзобод арзёбӣ карданд. Вобаста ба ин, Президенти мамлакат аз кормандони соҳаи маорифи ноҳия даъват ба амал оварданд, ки бо пуштибонӣ аз сиёсати маорифпарваронаи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тарбияи насли оянҷдасози кишвар ва рушди соҳаи маориф саҳми арзанда гузоранд.

## “Шаҳраки Сомониён”

Дар ноҳияи Файзобод Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои бунёди шаҳраки “Сомониён” санги асос гузоштанд.

Нахуст Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо тарҳи лоиҳаи сохтмони шаҳраки муосир шинос шуданд. Иттилоъ дода шуд, ки барои бунёди шаҳраки замонавӣ 30 гектар замин ҷудо карда шудааст ва дар ин ҷо барои 65 оила манзилҳои истиқоматӣ ва тамоми инфрасохтори зарурӣ сохта мешавад.

Дар ин ҷо майдончаи варзишӣ барои бозиҳои футбол, волейбол, баскетбол, мактаб барои хонандагони лаёқатманд бо 520 ҷой дар ду баст, боғчаи кӯдакона барои 200 нафар, толори варзишӣ бо 300 ҷойи нишаст, чойхонаи миллӣ, гулгашт, ҳавзҳои шиновархӣ, идораҳои маъмурӣ, маркази ҷамъиятии маҳаллӣ, коргоҳҳои хурди саноатӣ, корхонаҳои ҳунарҳои мардумӣ ва маркази савдою хизматрасонӣ, инчунин дигар иншооти таъиноти гуногун сохта мешавад.

Амалӣ шудани лоиҳаи бунёди шаҳраки Сомониён дар солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” ва ба истиқболи сазовори ҷашни бузурги миллӣ - 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ беҳтарин иқдом аст, зеро ин тадбир барои ободонии як гӯшаи диёр, таъсиси ҷойҳои корӣ ва дигар иқдомҳои созандаи Ҳукумати кишвар заминаи мусоид фароҳам меорад.

# Таъсир



**Дар асоси Фармоиши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2019, №1282 с/х Гурӯҳи корӣ бо мақсади иҷрои талаботи моддаҳои 19 ва 25 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2019, №508, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд», инчунин дарёфти манбаъҳои иловагии андозҳо чанде пеш ба Нозироти андоз дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ сафарбар гардида буд. Гурӯҳи корӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳудудии андоз дар давоми фаъолияташ як қатор корҳоро ба анҷом расонидааст.**

## Корҳои анҷомдодашуда

Дар натиҷаи таҳлилҳои гузаронидаи Гурӯҳи кории Кумитаи андоз дар фаъолияти андозсупорандаҳо ҷамъ ба маблағи 234,7 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ошкор ва ба ҳисобварақаи онҳо барқарор шуд. Дар ин хусус аз субъектҳои хоҷагидор эъломияҳои иловагии андоз гирифта шуда, ба махзани маълумот ворид карда шудаанд.

Дар натиҷаи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳию назоратӣ 45 ҳолати аз тарафи шахсони воқеии бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти кишоварзӣ машғулбуда, ҳамчун андозсупоранда (иҷорагирандаи замин) барои ба қайди давлатӣ гузаштан омода ва барои таъмин намуданашон бо шаҳодатномаи соҳибкорӣ ба бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии нозироти андози ноҳия дастрас гардиданд. Ҳамзамон, дар фаъолияти онҳо ба маблағи 9500 сомонӣ андозҳо ҳисоб ва ба ҳисобварақаашон барқарор карда шуданд.

Аз ҳисоби 146 соҳибкори инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда 52,3 ҳазор сомонӣ бақияи қарзи патент, бо ирсоли огоҳинома, кам карда шуд, ҳамчунин, бо андозсупорандаҳо 330 санади муқоисавӣ тартиб дода шуд, ки дар натиҷа, маблағи изофапулӣ 637,6 ҳазор сомонӣ ва бақияпулиҳои андоз дар ҳаҷми 115 ҳазор сомонӣ кам гардид.

## Ҳолати андозбандӣ ва бақайдгирӣ

Мутобиқи маълумоти Кумитаи идораи замин дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ 2890 адад хоҷагии деҳқонӣ (ба ҳолати 1 июли соли 2019) мавҷуд будааст, ки аз ин 2729 ададаш ҳамчун хоҷагии деҳқонӣ дар қайди мақомоти андоз мебошад, ки фарқият 161 ададро ташкил медиҳад.

Гурӯҳи корӣ зикр мекунад, ки дар ин самт мушкилиҳо ҷой доранд. Яъне маълумот дар бораи истифодабарандагони замин дар тавозуни Кумитаи идораи замини ноҳия, асосан, аз рӯи номҳои муайян (номи деҳа, номи ягон фарзанд, номи калони авлод) ба роҳ монда шудааст, аммо дар нозироти андоз аз рӯи ному насаби соҳиби замин ва рақами мушаххаси андозсупоранда сабт гардидааст.

Масалан, тибқи маълумоти Кумитаи идораи замини ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ 9 адад хоҷагии деҳқонӣ бо номи «Баҳодур», 5 адад бо номи «Бобои Раҷаб», 4 адад бо номи «Бобои Раҳмон» ва 6 адад бо номи «Бобои Саид» дар ҷамоатҳои гуногуни ноҳия ба ҳисоб гирифта шудааст. Вале дар нозироти андози ноҳияи зикршуда хоҷагии деҳқонӣ бо номи «Баҳодур» 6 адад, бо номи «Бобои Раҷаб» 1 адад, бо номи «Бобои Раҳмон» 2 адад ва бо номи «Бобои Саид» 2 адад ба қайд гирифта шудааст. Ин гуна тафовут қариб дар 300 ҳолат ҷой дорад, ки маҳз чунин ҳолатҳо барои пешбурди корҳои муқоисавӣ бетаъсир намондаанд.

## Номутобиқатӣ

Яке аз ҳолатҳои номутобиқатиҳо дар шумора ва масоҳати замин миёни Кумитаи идораи замин ва нозироти андози ноҳия дар он зоҳир мешавад, ки аз ҷониби Кумитаи идораи замини ноҳия бо мақсади дуруст намудани нишондиҳандаҳои тавозуни замин хоҷагиҳои деҳқонии таҷдидшуда ё барҳамдодашударо бо нишододи масоҳати сифрӣ ва масоҳати калон аз рӯихати миқдори умумии хоҷагиҳои дар қайди ноҳиябуда набаровардаанд. Ҳамин тавр, чуноне муайян шуд, 51 адад хоҷагии деҳқонӣ дар асл барҳам хӯрда, аммо аз тавозуни идораи замини ноҳия бароварда нашудаанд, ки боиси ба миён омадани номутобиқатиҳо гардидааст.

Дар давраи фаъолияташ Гурӯҳи корӣ муайян кард, ки ба 67 адад хоҷагии деҳқонӣ қарорҳои дахлдори Раиси ноҳия бароварда шудаанд, вале онҳоро дар нозироти андоз ба қайд нагирифтаанд. Дар 51 ҳолат муайян карда шуд, ки номгӯи хоҷагиҳое мавҷуданд, ки фаъолияти онҳо расман қатъ гардонида шудаанд, аммо номашон то ҳол аз тавозуни Кумитаи идораи замин хориҷ карда нашудаанд.

Дар маҷмӯъ, аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонӣ 118 адад номутобиқатии шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ муайян ва дар тавозуни идораи замини ноҳия тағйироти дахлдор ворида шуд, ки фарқияти шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ миёни Кумитаи идораи замин ва нозироти андоз ба миқдори 43 адад боқӣ мондааст.

## Андозсупорандагони қарздор

Маблағи бақияи қарзи андозҳои бебаҳси андозсупорандаҳои дар қайди нозироти андозбуда (ба ҳолати 1 августи соли 2019) 7385,4 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Ёдрас мешавем, ки тибқи Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июли соли 2018, №295 бо мақсади муваққатан дар алоҳидагӣ ба ҳисоб гирифтани маблағи андозҳои бахснок «Тартиби баҳисобгирии муваққатии маблағи андозҳои эътирофнашуда (баҳсӣ), қарзҳои беэътимод, мушкилситон, батаъхиргузошташуда ва аз эътибор соқит намудани маблағи қарзи андозҳое, ки тибқи талаботи моддаи 66 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳлати даъвои онҳо ба охир расидааст», қабул ва барои иҷро ирсол гардидааст.

Бояд гуфт, ки тибқи ҳисобот қарзи андозҳои 5 адад андозсупоранда – ҶДММ «Чилча», ҶДММ «Шамол», ҶДММ «Пушинг», ҶДММ «Шаҳром» ва ҶДММ «Суҳроби Ҷамол» ҷамъ ба маблағи 9916,4 ҳазор сомонӣ, ҳамчун маблағҳои бахснок ва қарзҳои мушкилситон эътироф шудааст.

Умуман, шумораи андозсупорандаҳои қарздор ба санаи 1 августи соли 2019-ум 635 ададро ташкил мекунад, ки 320 адад ё 50,4 фоизи онро андозсупорандаҳое ташкил медиҳанд, ки маблағи қарзи андозашон то 1 ҳазор сомонӣ мебошад.

## Ирсоли огоҳиномаҳо ва пешниҳоди эъломияҳо

Чуноне ки аз маълумоти Гурӯҳи корӣ бармеояд, ба 186 андозсупорандаи қарздор оид ба пардохти қарзи андозҳо огоҳиномаҳо дода шуда, аз ҳисоби қарзи андозҳо ба буҷет 637,6 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст. 115 адад андозсупорандаи қарздор бинобар иҷро намудани ӯҳдадориҳояшон аз рӯихати андозсупорандагони қарздор хориҷ карда шуданд.

Қарзи андози иҷтимоии буҷетӣ ба ҳолати 1 августи соли 2019 дар ноҳия ба 579,1 ҳазор сомонӣ баробар буда, нисбат ба аввали соли ҷорӣ дар ҳаҷми 469,8 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Ба гуфтаи аъзои Гурӯҳи корӣ сабаби ба вуҷуд омадани қарзи корхонаҳои буҷетӣ, агар аз як тараф, пурра пардохт нагардидани маблағҳои мақсаднoки буҷети ҷумҳуриявӣ (субвенсия) бошад, аз тарафи дигар, иҷро нашудани нақшаи андозҳои пешбинигардида дар 8 моҳи соли 2019 сабаби қарз шудааст.

## Маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо

Мутобиқи ҳисоботи пешниҳодшуда дар ҳафт моҳи соли 2019 нисбати 136 адад андозсупорандаи қарздори ноҳия доир ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи умумии 3 млн. 380,2 ҳазор сомонӣ 156 қарор қабул ва аз ин ҳисоб 1 миллиону 201,2 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид гардидааст.

Дар давраи амалиёт Гурӯҳи корӣ нисбати 14 андозсупорандаи қарздор ҷиҳати маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо маводи зарурияро омода ва барои қабули қарори дахлдор ба Раёсати андоз дар вилояти Хатлон ирсол кардааст. Дар натиҷа, нисбати ин андозсупорандаҳо оид ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи 84,9 ҳазор сомонӣ 16 адад қарор қабул шудааст. Аз ҳисоби қарорҳои қабулгардида, дар маҷмӯъ, 277,6 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид шуда, иҷрои 10 адад қарор ба маблағи 146,5 ҳазор сомонӣ пурра таъмин гардидааст.

**Мақсуди НЕЪМАТ**

---

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Минск создает группу для выработки предложений по налоговому кодексу СГ

**Власти Белоруссии намерены сформировать межведомственную рабочую группу, которая займется выработкой предложений по теме единого Налогового кодекса Союзного государства Белоруссии и России, сообщили РИА Новости в среду в министерстве финансов республики.**

В понедельник издание «Коммерсант» со ссылкой на источники сообщило, что Россия и Белоруссия планируют в 2021 году перейти на единый Налоговый кодекс, создать единый регулятор энергетического рынка, объединить таможенную политику, унифицировать банковский надзор и валютный контроль. По данным газеты, соответствующие положения содержатся в проекте двусторонней программы действий, который 6 сентября парафировали премьеры двух стран.

«В рамках поручений правительства планируется создать комиссию из заинтересованных ведомств и представителей бизнеса по подготовке предложений в рамках обсуждения единого Налогового кодекса», - сказал представитель пресс-службы ведомства.

По данным собеседника агентства, в настоящее время идет организационная работа по созданию такой комиссии. В пресс-службе не уточнили сроков заседания и выработки конкретных предложений по возможному единому кодексу.

В конце 2018 года Минск и Москва договорились о создании рабочей группы по урегулированию проблемных вопросов и развитию интеграции, позже стороны обменялись предложениями по сотрудничеству. Ранее в Минске отмечали, что стороны договорились разработать унифицированное законодательство к середине следующего года, а также запустить на единых правилах рынки нефти и газа, рынки промышленной продукции, сельхозпродукции, транспортный рынок уже с 2021 года. Шестого сентября в Горках премьеры парафировали программу действий по интеграции, а также утвердили перечень из 31 «дорожной карты». Президент Белоруссии Александр Лукашенко предлагал принять программу к 20-летию со дня подписания договора о создании Союзного государства, которое отмечается 8 декабря.

**Источник: https://ria.ru**

**Таҳлилҳо нишон додаанд, ки бо вуҷуди ба андозсупорандагон дастрас гардидани мошини назоратӣ-хазинавӣ онҳо аз он мувофиқи матлаб истифода намекунанд, ки ин нигаронкунанда боқӣ мемонад.**

# МНХ – батанзимоварандаи кори андозсупоранда



Аз тарафи кормандони мақомоти андоз ва дигар масъулон бо андозсупорандагон корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида мешаванд, аммо ҳамоно дар баъзе шаҳру навоҳии вилояти Хатлон ба ин масъала беэътиноӣ зоҳир мекунанд. Маҳз ин боис мегардад, ки аксаран андозсупорандагон тибқи талаботи қонун ба ҷавобгарӣ кашида шаванд.

- Ба ҳолати 10 – уми сентябри соли 2019 дар ноҳияи Дӯстӣ 197 андозсупоранда бо мошини назоратӣ-хазинавӣ таъмин шудааст, - гуфт мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони нозироти андози ноҳияи мазкур Насим Раҳмонов. - Тибқи талабот дар соли 2019 бояд 24 андозсупоранда бо мошини назоратӣ-хазинавӣ таъмин шавад. Аз ин, дар давоми 8 моҳ 20 адад мошини назоратӣ-хазинавӣ дастраси андозсупорандагон гардонида шуд.

Номбурда илова кард, ки бо сабаби мувофиқи талабот истифода накардани мошини назоратӣ-хазинавӣ дар ин давра 4 андозсупоранда ба маблағи 18700 сомонӣ ҷарима гардиданд. Агар як қисми андозсупорандагон бори аввал аз ҳисоби маълумоти кофӣ ва фаҳмиши корбарӣ надоштан ҷарима шуда бошанд, қисми дигари андозсупорандагон дидаю дониста ба таври даркорӣ мошини назоратӣ-хазинавиро истифода намекунанд, ки ин кори моро душвор месозад.

Масъулони Нозироти андоз дар ноҳияи Дӯстӣ дар робита ба мавзӯи мазкур изҳор доштанд, ки мошини назоратӣ-хазинавӣ баъзан дар деҳот ба таври даркорӣ истифода намешавад. Ҳолатҳое мушоҳида мегардад, ки андозсупорандагон аз ӯҳдаи истифодаи мошини назоратӣ- хазинавӣ баромада наметавонанд. Ин ҳолат мушкилии ҷиддӣ эҷод мекунад.

Аз ин лиҳоз, кормандони нозироти андоз миёни андозсупорандагон корҳои фаҳмондадиҳӣ ва семинарҳои омӯзиширо ба роҳ монда, тарзи истифодабарии мошини назоратӣ-хазинавӣ, тартибу интизом, манфиат ва оқибати истифода накардани МНХ-ро шарҳ медиҳанд.

**С.РУСТАМ,**
**вилояти Хатлон**

# Ҳолати насбу истифодаи МНХ



**- Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Ҳамадонӣ дар 8 моҳи соли 2019 хуб фаъолият карда, 32 соҳибкорро бо МНХ таъмин намуданд,** - гуфт мутахассиси пешбари шуъбаи ҳуқуқӣ Нозироти андоз дар ноҳияи Ҳамадонӣ Фаридун Нурзода. - Ҳарчанд дар фаъолияти соҳибкорон нақшаи МНХ дар ноҳияи Ҳамадонӣ комилан иҷро гардида бошад, ҳам, мутаассифона, баъзе аз соҳибкорон саҳлангорӣ намуда, аз МНХ-и дорои ТИЭ ба таври лозима истифода намекунанд.

Истифодаи МНХ дар фаъолияти соҳибкорон яке аз воситаҳои асосии муқаррар кардани даромади воқеии андозсупоранда ба шумор меравад. Кормандони нозироти андоз ҳангоми гузаронидани санҷишҳо маълум намуданд, ки 7 андозсупоранда ҳангоми фаъолият аз МНХ ба таври лозимӣ истифода намекарданд. Дар натиҷа, онҳо бо моддаҳои 614 – 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 29 ҳазору 700 сомонӣ ҷарима гардиданд. Аз ин ҳисоб 16 ҳазору 795 сомонӣ ба буҷети давлатӣ пардохт гардидааст.

Ба ҳамин тартиб дар фаъолияти соҳибкори инфиродӣ Ёров Амрохон, ки ба фурӯши молҳои ниёзи аввал машғул буд, хариди назоратӣ гузаронида шуд. Соҳибкор тибқи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои риоя накардани тартиби истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ ба маблағи 4 ҳазору 400 сомонӣ ҷарима шуд. Соҳибкори дигари ноҳия Султонов Хуршед ба маблағи 4 ҳазору 400 сомонӣ ҷарима гардид.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

# Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар амал

**21 сентябри соли ҷорӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки намояндагони Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласа баргузор гардид.**



Саравввал муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Каъбатулло Меликзода баромад намуд. Ӯ қайд кард, ки коррупсия зуҳуроти хавфноки ҷомеа ва омили таҳдидкунанда ба амнияти миллӣ ва халалдоркунандаи рушди иҷтимоиву иқтисодии давлат буда, омӯзиши пайваста ва ҷиддӣ, муқобилияти дастаҷамъӣ ва фавриро тақозо менамояд. Ҳамчунин, дар ин ҷаласа муовини директори Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷиноятикорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон Азам Юсупов, муаллими калони доншкадаи мазкур Қурбоналӣ Мирзоев дар мавзӯи "Ҷараёни амалигардонии сиёсати давлатии Тоҷикистон дар муқовимат бо коррупсия", мутахассиси Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷавшан Туразода дар мавзӯи "Тадбирҳои амалигардонии стратегияи муқовимат ба коррупсия дар мақомоти андоз", муовини сардори Раёсати таҳлили хавфҳои коррупсия ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Шодком Турсунзода дар мавзӯи "Сабабу омилҳои содиршавии амалҳои коррупсионӣ ва роҳҳои пешгирии он дар ҷомеа" ва Судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Матин Бобозода дар мавзӯи "Амалияи таъини ҷазо вобаста ба амалҳои коррупсионӣ" баромад намуданд.

Зикр шуд, ки Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, таҳти №1504 қабул шудааст, ҳамчун санади барномавии дурнамои миёнамуҳлати сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия, барои паст кардани шиддат ва сатҳи коррупсия дар кишвар равона гардида, бо дарназардошти стандартҳои байналмилалӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳия гардидааст.

Мақсаду мароми Стратегияи мазкур ба паст кардани сатҳи коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мунтазам бартараф намудани монеаҳо, фароҳам овардани шароит барои рушди иқтисодиёт, ишкишофи арзишҳои демократӣ, баланд бардоштани некӯаҳволии мардум равона шудааст.

Вобаста ба амалисозии бандҳои дахлдори «Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020» аз ҷониби Кумитаи андоз барои ҳар ду сол Нақшаи кории дохилиидоравӣ қабул гардида, мавриди иҷро қарор дода мешавад.

Бо фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 14 феврали соли 2019, таҳти №67 Нақшаи кории дохилиидоравии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019–2020, ҷиҳати амалисозии Нақшаи чорабиниҳои татбиқи «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020» дар таҳрири нав тасдиқ гардида, мавриди иҷро қарор дорад. Дар доираи бандҳои дахлдори нақшаи мазкур бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониши кормандони мақомоти андоз ҷиҳати омӯзиши масоили зиддикоррупсионӣ, ахлоқ ва одоби хизматчиёни давлатӣ дар Маркази такмили ихтисоси Кумитаи андоз пайваста курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ташкил ва гузаронида мешаванд.

Дар барномаҳои таълимии Марказ дар қатори мавзӯъҳои асосӣ, ҳамчунин, ба дарсҳо вобаста ба таҳким ва такмили асосҳои ҳуқуқии мубориза бо коррупсия аҳамияти махсус дода мешавад. Бо мақсади баланд бардоштани савияи дониши кормандон вобаста ба таҳким ва такмили асосҳои ҳуқуқии мубориза бо коррупсия дар Маркази такмили ихтисоси Кумитаи андоз ва марказҳои таълимии он дар вилоятҳо кормандони зиёди мақомоти андоз ба курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос фаро гирифта шуданд, ки аксарияти онро кормандони ҷавон ташкил медиҳад.

**Неъматулло ЗОИРЗОДА**

# Бақайдгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ

Нозироти андоз дар ноҳияи Ҳамадонӣ ҷиҳати бақайдгирии давлатии хоҷагиҳои деҳқонӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии тибқи патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда дар 8 моҳи соли 2019-ум 304 субъекти хоҷагидорро ба қайди давлатӣ гирифтаанд.

Мутахассиси пешбари бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии нозироти андози ноҳия Б. Акбаров иттилоъ дод, ки аз 304 субъекти ба қайди давлатӣ гирифташуда 6 шахси ҳуқуқӣ, 164 адад хоҷагии деҳқонӣ, 20 соҳибкори тибқи шаҳодатнома ва 114 соҳибкори тибқи патент фаъолияткунанда ба қайди давлатӣ гирифта шуданд.

Аз ҳисоби 304 субъекти ба қайди давлатӣ гирифташуда 49061 ҳазор сомонӣ боҷи давлатӣ пардохт гардидааст. Аз ҳисоби соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда 9265,5 ҳазор сомонӣ ва дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда 2530 сомонӣ, аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонӣ 19 ҳазору 391 сомонӣ маблағ пардохт шудааст.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# В Греции ущерб от правления Ципраса оценили в 100 миллиардов евро

**Правление партии СИРИЗА под руководством Алексиса Ципраса обошлось Греции в 100 миллиардов евро, и оценку ему дали греки на досрочных парламентских выборах, заявил официальный представитель греческого правительства Стелиос Петсас в связи с публикацией Ципрасом заметки по поводу годовщины выхода из меморандумов с кредиторами.**

Год назад, 21 августа 2018 года, Ципрас приехал на родину царя Одиссея - остров Итаку, чтобы объявить о завершении восьмилетней одиссеи с долговым кризисом. Страна вышла из меморандумов с кредиторами, по которым она должна была согласовывать всю свою политику в обмен на кредиты.

В среду Ципрас написал на своей странице в Facebook, что сегодня исполняется год со дня исторического выхода страны из меморандумов. «Двадцать первого августа 2018 года греческий народ наконец прибыл в Итаку после беспрецедентного восьмилетнего приключения с жесткой экономией, моральной и финансовой девальвацией», - написал Ципрас. По его словам, партии СИРИЗА за годы правления «удалось полностью изменить образ Греции» и успешно завершить программу реформ.

Бывший премьер, проигравший досрочные парламентские выборы 7 июля, заявил, что победившая «Новая демократия» пытается разрушить все, что сделала СИРИЗА.

Ципрас вновь использовал образы из поэмы Гомера про царя Итаки Одиссея, расправившегося с захватившими его дом женихами.

«Именно правительство СИРИЗА вырвало страну из меморандума, положив конец беспрецедентному испытанию нашего народа. Год назад в своем обращении из Итаки я предупреждал: «Мы достигли нашей цели, мы вышли из меморандумов, но мы полностью осознаем, что мы еще не закончили здесь. Новые сражения теперь впереди нас. Современные женихи здесь, и они все еще стоят напротив». Действительно, женихи все еще здесь, не только наслаждаясь плодами усилий нашего народа, но и пытаясь разрушить то, что мы кропотливо построили. Но давайте не будем забывать, как история закончилась здесь», - заявил Ципрас.

Правительство «Новой демократии» в ответ обвинило Ципраса в том, что он нанес огромный ущерб экономике.

«Современная Одиссея греческого народа была продлена на 4,5 года, потому что господин Ципрас хотел во что бы то ни стало сесть в кресло премьер-министра. И чтобы прийти к власти, он утопил экономику, выбросил на свалку жертвы греков, обременил всех греков новыми мерами жесткой экономии на 10 миллиардов евро, он стоил более 100 миллиардов евро нынешнему и будущим поколениям, отдав в залог общественное богатство до 2115 года», - говорится в заявлении Петсаса, поступившем в РИА Новости.

«Из-за «приключений», которые они пережили при СИРИЗА, греки осудили Ципраса на выборах», - заявил официальный представитель правительства.

По его словам, Ципрас хотел бы сейчас заработать политические очки, но граждане знают, что правительство Кириакоса Мицотакиса уже сократило на 22% налог на недвижимость и будет продолжение.

**Источник: https://ria.ru**

**Гузаронида шудани корҳои назоратӣ ва андешидани тадбирҳои судманд дар самти пешгирии қонунвайронкуниҳо на бо мақсади андешидани ҷазо нисбати андозсупорандагон, балки ба он хотир татбиқ мегардад, ки дониши ҳуқуқии андозсупорандагон такмил дода, пеши роҳи ҳар гуна қонунвайронкуниҳо сари вақт гирифта шавад. Маҳз барои гирифтани пеши роҳи чунин қонунвайронкуниҳо ва муайян намудани манбаи аслии даромади воқеии соҳибкорон мақомоти андоз дар фаъолияти ин ва ё он андозсупоранда муоинаи хронометражӣ анҷом медиҳанд.**

# Ошкор шудани маблағҳои пинҳонӣ

Ҳангоми мавриди омӯзиш қарор додани ҳисоботи пешниҳоднамудаи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Тенг Лонг”, воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, дар давраи аз 1 январи сли 2019 то 30 июни соли 2019 диққати кормандони мақомоти ҳудудии андозро нокифоя будани маблағҳои андоз дар манбаи пардохт ба худ кашид ва дар асоси фарқи даромади умумии байни эъломияҳои ба мақомоти андоз пешниҳоднамудаи ҷамъият, таҳвили мол ва иҷрои амалиётҳои воқеии андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида шуд.

Таҳлили молиявии фаъолияти ҷамъият нишон дод, ки дар нимсолаи аввали соли 2019 ширкат даромади умумии андозбандиашро дар эъломияҳои ба мақомоти андоз пешниҳоднамудааш ба маблағи 3086858 сомонӣ нишон дода, мутобиқи он андозҳоро тибқи меъёрҳои муқарраргардида ҳисоб намудааст. Аммо ҳангоми аз назаргузарони ҳуҷҷатҳои молиявии андозсупоранда маълум шуд, ки маҳсулоти аз ҳисоби коркарди нафти хом истеҳсолнамудаи корхона ба ҳисоботи ба мақомоти андоз пешниҳодкардааш мутобиқат намекунад. Зеро тибқи маълумоти дастрасшуда ҷамъият дар давраи зикршуда андозҳоро ба маблағи 110518 сомонӣ кам ҳисоб намудааст.

Мутобиқ ба талаботи моддаҳои 159 – 193 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъият супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ба ҳисоб рафта, дар низоми умумии андозбандӣ фаъолият менамояд. Дар давраи таҳти назорати камералӣ қарор доштанаш ҷамъият даромади умумиашро дар эъломияҳои андоз ба маблағи 3086858 сомонӣ нишон дода, маблағи ин намуди андозро бо дарназардошти маблағҳои ба ҳисобгирифташавандаи харидори мол ба ҳисоб гирифтааст. Вале маълум гардид, ки ҷамъият истеҳсоли маҳсулоти нафтиро аз қабили сӯзишвории дизелӣ, автобензин ва мазут аз коркарди нафти хом ба роҳ монда, дар эъломияҳои андоз танҳо фурӯши сӯзишвории дизелӣ ва мазутро дар ҳаҷми 3086858 сомонӣ нишон дода, фурӯши сӯзишвории автобензинро дар эъломияҳои андоз нишон надодааст. Аз ин нуқтаи назар, ҳиссаи даромади андозбандишаванда аз ҳисоби



фурӯши автобензини давраҳои қаблии ҷамъият ба инобат гирифта шуда, дар ҳаҷми 341684 сомонӣ бо дарназардошти маблағи аксизӣ сарчашмаи андози арзиши иловашуда ошкор шуд. Ҳамин тариқ маблағи андози барилова ҳисобшавандаи ин намуди андоз 61503 сомониро ташкил медиҳад.

Ҷамъият, ҳамчунин, супорандаи андози фоида ба ҳисоб рафта, дар асоси моддаҳои 107-109 пешпардохти андози фоидаро бо меъёри 1% аз даромади умумӣ ҳисоб ва пардохт менамояд. Бо дарназардошти талаботи қонунгузории андоз бо таври автоматӣ аз манбаи андозбандишавандаи дар эъломияи андози арзиши иловашуда бо меъёри муқарраргардида пешпардохти андози фоида барои ҳар давраи ҳисоботӣ ҳисоб карда мешавад. Аз ин лиҳоз, аз манбаи илова ошкорнамудаи давраи назорати камералишаванда бе дарназардошти андози аксизӣ маблағи андози фоида аз манбаи ошкоршудаи 2980 сомонӣ муайян ва маблағи ошкоргардида ба таври илова бе пешниҳоди эъломия дар ҳисобварақаи ҷамъият сабт мегардад.

Вобаста ба талаботи моддаҳои 194-211 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъият супорандаи андози аксизӣ низ ба ҳисоб рафта, тибқи талаботи моддаи 200 Кодеси андоз маблағи андозро аз ҳисоби маҳсулоти нафти истеҳсолнамудааш ҳисоб менамояд. Манбаи иловагии ошкоргардида аз ҳисоби фурӯши автобензин дар давраи назорати камералӣ 298040 сомониро ташкил дода, тибқи меъёрҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз даромади ширкат ба маблағи 43644 сомонӣ андози аксизии иловагӣ ҳисоб гардид.

Чуноне аз талаботи қонунгузории андоз бармеояд, андозсупорандагони дар низоми умумии андозбандӣ фаъолияткунанда мутобиқи моддаҳои 248 - 254 Кодекси андоз супорандаи андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард маҳсуб меёбанд. Манбаи андози илова муайянгардида дар ҷамъият дар асоси моддаи 251 Кодекси андоз аз манбаи илова ошкоргардидаи андоз аз арзиши иловашуда сарчашма гирифта, дар тартиби мазкур бо меъёри 1% андозбандӣ мегардад. Вобаста ба ин, маблағи барилова ҳисобкардашудаи андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 2391 сомониро ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, назорати камералӣ дар фаъолияти ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Тенг Лонг”-и шаҳри Ваҳдат дар нимсолаи аввали соли 2019 ба тариқи илова 110518 сомонӣ пинҳонкунии андозҳоро ошкор намуд. Корхона, дар навбати худ, ба мақомоти андоз эъломияҳои иловагӣ пешниҳод ва маблағҳои ошкоршударо пардохт кард.

**М. ТАБАРЗОДА**

# Интиқоли электронии маълумот

**Ҷорӣ намудани технологияи ҳозиразамони иттилоотӣ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти андоз ба ҳисоб меравад. Бо мақсади сарфа намудани вақти андозсупорандагон мақомоти андоз бештар аз технологияи иттилоотӣ ва барномаҳои компютерӣ истифода карда, барои дар шакли электронӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳо чораҳои иловагӣ андешида истодаанд.**



Ин аст, ки ҳамаи хизматрасониҳои мақомоти андоз тариқи электронӣ давра ба давра ба роҳ монда шуда истодааст. Аз ҷумла, бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам овардааст, ки андозсупорандагон ба мақомоти андоз ташриф наоварда, эъломияҳои андози худро ба мақомоти андоз пешниҳод намоянд. Маълумоти пешниҳодгардида дар доираи барномаҳои системаи итилоотии Кумитаи андоз коркард шуда, фаъолияти ҳар як андозсупоранда аз рӯи соҳаи фаъолият, бо дарназардошти критерияҳои муайянкунандаи хавфи андозӣ баҳогузорӣ мешавад.

Ҳамчунин, бо мақсади беҳтар намудани назорат дар фаъолияти субъектҳое, ки ба воридот ва таҳвили минбаъдаи сӯзишворӣ машғуланд, таъмини фаъолияти шаффоф дар ин самт, аз 01.03.2018 №82 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои муомилоти маҳсулоти нафту газ ва талабот нисбат ба низоми компютерӣ оид ба назорати хизматрасониҳои электронии онҳо" қабул шудааст.

Гуфта мешавад, ки мақсади қоидаҳои мазкур аз таъмини фаъолияти шаффоф дар ҷараёни муомилоти маҳсулот, пешгирӣ ва роҳ надодан ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷониби субъектҳое, ки ба фурӯши сӯзишворӣ машғуланд, инчунин, хизматрасонии электронии пешниҳоди ҳисобот, ҷамъоварии маълумот ва таҳияи дурнамо иборат аст.

Тавре дар банди дуюми қарори мазкур таъкид шудааст, фурӯши яклухт ва чаканаи маҳсулоти нафту газ дар нуқтаҳои автоматии пуркунандаи сӯзишворӣ ва анборҳои захираҳои маҳсулоти нафту газ танҳо бо шарти таъмин шудани нуқтаҳои автоматии пуркунандаи сӯзишворӣ ва анборҳои маҳсулоти нафту газ бо таҷҳизоти (колонкаҳои) ҷавобгӯ ба талаботи стандартҳои давлатӣ бо мавҷуд будани низоми электронии баҳисобгирии амалиёти интиқоли нафту газ дар шакли "онлайн", ки тибқи барномаи аз тарафи субъекти интихобшуда дар мувофиқа бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст, иҷозат дода мешавад.

Гузариш ба муомилоти яклухт ва чаканаи маҳсулоти нафту газ бо истифодаи низоми элетронии баҳисобгирии амалиёти интиқоли нафту газ барои субъектҳои хоҷагидоре, ки ба савдои яклухт ва чаканаи маҳсулоти нафту газ машғуланд, бояд аз 1–уми июли соли 2018 амалӣ мешуд, аммо бо сабабҳои номаълум он амалӣ нагашт. Ин буд, ки муҳлати қарори мазкур ҷиҳати насби нуқтаҳои автоматии пуркунандаи сӯзишворӣ ва анборҳои маҳсулоти нафту газ бо таҷҳизоти дорои низоми электронии баҳисобгирии амалиёти нафту газ то 1-уми сентябри соли 2018 дароз карда шуд. Вале он ҳам ба таври назаррас амалӣ нагардид.

Тавре сардори шуъбаи санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои андози Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шаҳриёр Авғонов бо такя ба махзани маълумоти Кумитаи андоз қайд намуд, воридоти қоҷоқии маводи сӯхт дар самти фаъолияти нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ (НФС) нисбат ба дигар самти фаъолият бештар ба чашм мерасад. Аз ин рӯ, мақсади қоидаҳои мазкур таъмини фаъолияти шаффоф дар ҷараёни муомилоти маҳсулот, пешгирӣ ва роҳ надодан ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷониби субъектҳое, ки ба фурӯши сӯзишворӣ машғуланд, иборат аст.

Ба гуфтаи ӯ, ҳанӯз чанд сол пеш ин таҷрибаро Ҷумҳурии Қирғизистон амалӣ карда, системаи баҳисобгирии электронии маҳсулоти нафтиро ҷорӣ намуда буд. Россия ва Озорбойҷон низ аз ин система истифода мекунанд ва пеш аз он ки Тоҷикистон ба ин система гузарад, таҷрибаи кишварҳои номбурдаро омӯхта, мавриди амал қарор додааст.

Тавре Ш. Авғонов иттилоъ дод, ба ҳолати 1-уми сентябри соли равон аз 1055 нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ (НФС) 847 адади он бо барнома пайваст шуда, маълумоти онҳо ба махзани маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол меёбад. Аз ҷумла, маълумоти нуқтаҳои фурӯши сузишвории шаҳри Душанбе 95 фоиз, вилояти Суғд 98 фоиз, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 75 фоиз ба махзани маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол мегардад. Кор дар самти насби таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ дар нуқтаҳои фурӯши вилояти Хатлон ва ВМКБ идома дорад. Насби ин система бояд он шубҳаҳоеро, ки дар рафти фаъолияти НФС-ҳо ба амал меояд, аз байн барад. Бояд адолати андозбандӣ нисбати фаъолияти пурраи соҳибкорӣ риоя шавад.

Ҳангоми қабули қарори мазкур Кумитаи андоз тасмим гирифта буд, ки корҳои назоратиро дар ин соҳа кам намояд, аммо, тавре мушоҳида шуд, баъзе андозсупорандагон ба қонунвайронкуниҳо даст заданд, ки ин амал ба қисми даромади буҷет таъсири манфӣ расонд. Дар қисмати воридот, фурӯш ва бақияи маҳсулот фарқият дида мешавад ва фурӯши сӯзишворӣ нисбат ба воридот зиёд мебошад, ки эҳтимоли ҷой доштани сузишворӣ тариқи қоҷоқро нишон медиҳад. Мувофиқи таҳлили махзани маълумоти Кумитаи андоз, камбудиҳое, ки қаблан дар ҷаласаҳо ва семинар-машваратҳои мақомоти андоз аз онҳо сухан рафта буд, баръакс рӯз аз рӯз такрор ёфта истодааст. Ин камбудиҳо, пеш аз ҳама, дар пурра ва дуруст нишон надодани даромади воқеӣ дар эъломияҳо, кам нишон додани шумораи коргарон ва фонди музди меҳнати онҳо, дуруст истифода накардани ҳисобнома-фактура зоҳир шудаанд.

Ба андешаи Ш. Авғонов, сабаби асосии сари вақт насб нашудани НФС бо барномаи автоматикунонӣ, пеш аз ҳама, ин ба талабот ҷавобгӯӣ набудани НФС ва фарсуда шудани колонкаҳои НФС ва монеъ шудани кормандони масъули НФС оид ба насб намудани колонкаҳо бо барнома мебошад.

Тибқи қарори мазкур дар нуқтаи автоматикии пуркунандаи сӯзишворӣ бояд аломат бо зикри номи нуқта дар ҷои ба чашм аён, лавҳаҳои маълумот, нусхаи шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ, инчунин дигар ҳуҷҷатҳо, телефонҳои боварии маъмурият ва иттилоот дар бораи маҳалли ҷойгиришавии нуқтаи мазкур гузошта шаванд. Инчунин, дар даромадгоҳи он лавҳа бо насаб ва номи оператор, навъҳои сӯзишворӣ ва нархи он бояд овехта шавад.

Ёдрас бояд шуд, ки ба сифати корманд дар нуқтаи автоматии пуркунандаи сӯзишворӣ ва анборҳои маҳсулот танҳо шахсоне ба кор қабул карда мешаванд, ки синни онҳо ба 18 расидааст ва бояд бо либоси махсус фаъолият намуда, қоидаҳои бехатарии сӯхтор, экологӣ, саноатӣ, раванди фаъолияти дастгоҳҳо ва механизмҳои кории ҷудогонаи нуқтаи мазкурро донад ва қатъан риоя намояд.

Тибқи банди 5 қарори мазкур ҶДММ «Фароз-пардохт» ширкати дар амал татбиққкунанда ба ҳисоб меравад. Пеш аз он, ки ин системаро ба кор андозанд, намояндагони ширкат НФС-ҳои кишварро аз нав ба ҳисоб гирифтанд. Маълум шуд, ки колонкаҳои баъзе НФС-ҳо барои насби ин система мувофиқ нестанд. Аз ин рӯ, ширкат ба хулосае омад, ки системаи умумии идоракуниро таъсис дода, ба колонакаҳое, ки дар онҳо имконияти насби системаи баҳисобгирии электронӣ мавҷуд нест, насби он ба воситаи системаи умумиидоракунӣ имконпазир гардад.

Аз ин рӯ, соҳибкоронро зарур аст, ки барои насб ва мавриди истифода қарор додани барномаи мазкур саҳм гузоранд. Инчунин, кормандони мақомоти андоз вазифадоранд, ки баҳри дуруст ва мутобиқ ба талаботи қонунгузорӣ ба роҳ мондани фаъолият, ислоҳ ва пешгирӣ намудани камбудиҳо дар фаъолияти нуқтаҳои фурӯши сузишворӣ мусоидат намоянд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

## АНДОЗ ДАР ХОРИҶА

# Джонсон не видит катастрофы в Brexit без сделки

**Великобритания в случае выхода из Евросоюза без соглашения прекрасно справится с ситуацией и останется страной с высоким уровнем жизни и низкими налогами, заявил премьер-министр Соединенного Королевства Борис Джонсон.**

Великобритания должна выйти из ЕС 31 октября, но парламент принял закон, предотвращающий Brexit без сделки, если условия соглашения с ЕС не будут согласованы и утверждены до 19 октября. В этом случае Лондон будет обязан просить о продлении сроков Brexit. Закон был принят из-за опасений парламентариев в том, что Джонсон намеренно добивается выхода из союза без соглашения, а также дезинформирует парламент и общество, говоря о том, что переговоры с ЕС идут активно. Несмотря на требования парламента, Джонсон не обнародовал никаких документов, подтверждающих проведение переговоров по Brexit. Brexit без сделки грозит Британии катастрофой во многих сферах, прежде всего в экономике и торговле, о чем предупреждали профессиональные и отраслевые объединения, профсоюзу и эксперты.

«Мы хотим согласовать условия соглашения. Но Британия может прекрасно справиться сама, если мы выйдем (из ЕС) без него… Наша страна будет экономикой с низкими налогами и высокими доходами», - сказал Джонсон, выступая с «ответами премьер-министра на вопросы народа» (People's PMQs) на странице кабинета министров в Facebook.

В таком новом и фактически революционном для Британии формате Джонсон общается с британцами уже второй раз. Впервые он напрямую пообщался с народом с помощью прямой трансляции в Facebook из своего рабочего кабинета на Даунинг-стрит 14 августа.

Премьер вновь подтвердил, что будет делать все, чтобы Британия вышла из ЕС 31 октября.

«Я говорил, наверное, уже пять раз, но с радостью заверю еще раз: мы обязаны это сделать (осуществить Brexit). Членство в ЕС обходится нам в 250 миллионов фунтов стерлингов в неделю. Это около миллиарда фунтов в месяц. Подумайте о том, как бы мы могли потратить эти деньги. Давайте поставим собственные интересы на первое место и сделаем это (выйдем из ЕС)», - добавил премьер.

**https://ria.ru**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**СОҲИБКОРИ МУҲТАРАМ!**

**Пардохти маблағи андозҳо аз ҷониби шумо саҳмгузорӣ дар рушди соҳаҳои иҷтимоиёт ва иқтисодиёти давлат аст!**

**АНДОЗСУПОРАНДАГОНИ МУҲТАРАМ!**

Маблағҳои ҳисобшудаи патенти худро барои моҳи ҷории тақвимӣ то санаи 5-уми моҳи минбаъда ва ҳамзамон бақияи қарзҳои то ба имрӯз бавуҷудомадаи худро сари вақт ба буҷет пардохт намоед.

Ёдрас менамоем, ки дар сурати сари вақт пардохт нагардидани маблағи қарзҳои бамиёномада, тибқи талаботи қисми 1 моддаи 600 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти андоз нисбати шумо ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ карда мешавад.

Ба иттилои шумо мерасонем, ки маблағи андозҳои ҳисобшудаи худро мустақилона, тавассути нуқтаҳои вакилатдори Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» ба буҷет пардохт намуда, расиди пардохтиро дар доираи мӯҳлати даъво барои тасдиқи пардохти андоз бо худ нигоҳ доред.

Дар ҳолати ба дигар шахсон додани маблағи андоз эҳтимолияти ба буҷети давлатӣ ворид нашудани андозҳо ва ҳамзамон боиси дар ҳисобрасиҳои шумо ба вуҷуд омадани маблағи қарз мегардад.

**Супоридани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, ҳатмист!**
(Моддаи 45 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон).

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Машина с «интеллектом». В России показали новую «Газель»



**«Группа ГАЗ» на международной выставке коммерческих автомобилей Comtrans 2019 представила новую «Газель NN» с интеллектуальными помощниками водителю, сообщает РИА Новости.**

«Новый легкий коммерческий автомобиль «Газель NN» разработан инженерами Горьковского автозавода в год 25-летия «Газели». Мы говорим о новой интеллектуальной платформе – это платформа, которая видит, слышит и взаимодействует с инфраструктурой. Платформа, которая обеспечивает безопасность для водителя. Новая платформа адаптирована как под использование двигателя внутреннего сгорания, так и (двигателя - ред.) на электротяге», - рассказал глава компании Вадим Сорокин журналистам.

Отмечается, что производство начнется в 2020 году, а продажи – в 2021 году.

**https://ria.ru/20190828/1558004659.html**

# Самаранокии корҳои фаҳмондадиҳӣ

**Ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ бо андозсупорандагон, аз ҷумла гузаронидани семинар-машваратҳо воҳӯриҳо ва таҳияи намоишҳо аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти андоз ба ҳисоб меравад.**

**Вобаста ба ин бо иштироки кормандони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе дар ҶДММ "Бозори Меҳргон", ҶДММ "Бозори Деҳқон", Маркази савдои "Садбарг" ва ҶДММ "Корвон Плюс" семинар-машваратҳо баргузор гардиданд.**





Дар семинар-машваратҳо сармутахассиси шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе И. Муродхусейнов аз хусуси қоидаҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва гузаштан аз бақайдгирии давлатӣ сухан ронд.

Ҳамчунин, мутахассиси пешбари Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Ниёзов оид ба тартиби андозбандии соҳибкорони инфиродӣ ҳарф зада, таъкид кард, ки соҳибкорон бояд фаъолияташонро дар асоси моддаҳои 283-289 Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012 тахти №451 "Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд" ба роҳ монанд. У аз ҷумла гуфт, ки низоми андозбандии шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро тибқи патент амалӣ менамоянд, низоми махсуси андозбандӣ буда, дар асоси он соҳибони патент ӯҳдадоранд андозҳои муқаррарнамударо ба андозаи устувор, новобаста аз даромади бадастоварда, пардохт намоянд. Патент ҳуҷҷати номӣ буда аз даромади дар амал бадастовардаи соҳибкори инфиродӣ вобаста намебошад, яъне новобаста аз он ки соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда даромад мегирад ё намегирад, то он лаҳзае, ки фаъолияташ тибқи қонунгузорӣ қатъ гардонида нашудааст, ҳамчун соҳибкоре, ки фаъолияти худро давом медиҳад ва дар назди буҷет ӯҳдадориҳои андоз дорад, эътироф карда мешавад. Дорандагони патент тибқи қонунгузории андоз барои бурдани ҳисоби муҳосибӣ, мавриди истифода қарор додани мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ ва пешниҳод намудани эъломияҳои андоз ба мақомоти андоз ӯҳдадор намебошад. Инчунин, соҳибкорони инфиродие, ки маблағи патентро барои 3 моҳи тақвимии минбаъда пешпардохт менамоянд, маблағи умумии пардохт барои патент ба андозаи 10 фоиз кам карда мешавад.

Дар баробари ин, қайд гардид, ки аз моҳи декабри соли 2017 дар Бахши иттилоотии Кумитаи андоз Системаи мултимедияи "Контакт-сентр" – Avaya" мавриди истифода қарор гирифтааст, ки дорои имкониятҳои бақайдгирӣ, сабт ва нигоҳдории тамоми гуфтаҳои телефонӣ ва таъмини дар навбат нигоҳ доштани занги муроҷиаткунандагон, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба онҳо ва беҳтар намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ нигаронида шудааст.

Сармутахассиси шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Ч. Зоирзода низ дар семинар-машваратҳо



суханронӣ намуд. Мавсуф қайд кард, ки ҷиҳати баланд бардоштани тафаккури андозсупорандагон дар муносибатҳои андозӣ, дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳои мақомоти андоз бо андозсупорандагон ва маҳдуд намудани омилҳои номатлуб дар рафти хизматрасониҳо, дар асоси муроҷиати чандинкаратаи андозсупорандагон нисбат ба кормандони гурӯҳи хизматрасонии соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда, дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 24.07.2019 тахти №353 гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунанда ихтисор шуданд, ки минбаъд соҳибкорон мустақилона дар мӯҳлатҳои муқарраршуда, ҳар моҳ то санаи 5-ум андозҳоро пардохт менамоянд. Инчунин, ба маълумоти андозсупорандагон расонида шуд, ки ҳангоми хариду фурӯши маҳсулот ва барои пешниҳод кардани ҳуҷҷати расмӣ оид ба фаъолияти соҳибкорӣ нусхаи патент ё шаҳодатнома ҳатман маблағи фурӯхташударо бо ҳуҷҷат (борхат) тасдиқ карда ба харидор пешниҳод намоянд.

Дар баробари талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012 тахти №451 оид ба банди -5 дар масъалаи ӯҳдадориҳои бозорҳо ва марказҳои савдо ҳангоми бастани шартномаҳо бо шаҳрвандон Ч. Зоирзода қайд кард, ки масъулони бозорҳо ва марказҳои калони савдо, ки бо субъектҳои соҳибкорӣ шартномаи иҷора ба имзо мерасонанд, ӯҳдадор мебошанд, ки ҳар семоҳа ба мақомоти андози маҳалли қайди худ маълумотро оид ба чунин субъектҳо, масоҳати фаъолият, бо нишондоди раста ва ҷои фаъолият, ба таври электронӣ пешниҳод намоянд. Дар сурати бе қайд дар мақомоти андоз бо соҳибкорон бастани шартнома аз тарафи бозорҳо ё марказҳои савдо мутобиқи моддаи 23 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон шарикӣ дар ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳисобида шуда, роҳбарон ва шахсони масъул ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд.

Ҳазамон, дар ҳудуди бозорҳои шаҳри Душанбе ба соҳибкорон нусхаҳои рӯзномаи "Боҷу хироҷ" ва буклетҳо ройгон тақсим карда шуд.

**Неъматулло ЗОИРЗОДА**

Боҷу хироҷ
№39 (1188)
Панҷшанбе, 26 сентябри соли 2019


**Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари аз ҷиҳати сарватҳои зеризаминӣ бой ба шумор меравад. Ин аст, ки имрӯзҳо субъектҳои хоҷагидории зиёде ба истихроҷ ва коркарди сарватҳои зеризаминӣ машғул мебошанд. Тибқи қонунгузории амалкунанда сарватҳои зеризаминӣ моликияти истисноии давлат ба ҳисоб меравад. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба даст овардани ҳуқуқи истихроҷи сарватҳои зеризаминӣ ва коркарди минбаъдаи он қонунгузории андоз тартибҳои алоҳидаро пешбинӣ намудааст. Вобаста ба ин мавзӯъ, бо сардори Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсулло Кабирзода суҳбате доштем, ки онро пешкаши хонандагон мегардонем.**

# Андозбандии сарватҳои зеризаминӣ

**- Шамсулло Кабирзода, мегуфтед, ки оғози фаъолият дар соҳаи қаъри замин чӣ гуна сурат мегирад? Ба андозҳо аз захираҳои табиӣ кадом намуди андозҳо дохил мегарданд ва пардохти онҳо чӣ гуна амалӣ карда мешавад?**

- Тибқи талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият” аз 17.05.2004 №37, “Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ” аз 20 июли соли 1994 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2007 №172 «Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» фаъолият дар соҳаи истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ, фаъолияти иҷозатнома додашаванда буда, бе гирифтани иҷозатномаи дахлдор машғул шудан ба ин намуди фаъолият манъ аст. Инчунин, тибқи қонунгузории соҳаи иҷозатномадиҳӣ, фаъолияти иҷозатномадодашаванда дар соҳаи истифодабрии сарватҳои зеризаминӣ, танҳо аз ҷониби шахсе, ки бевосита иҷозатнома гирифтааст, амалӣ гардонида мешавад.

Тибқи боби 35 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номгӯи андозҳо аз истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ бонуси обунавӣ, бонуси кашфи тиҷоратӣ, роялти барои истихроҷ ва роялти барои об дохил мешаванд.

Тибқи моддаи 222 Кодекси андоз бонуси обунавӣ андози устувори яккаратаи истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ барои ба даст овардани ҳуқуқи истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ дар ҳудуди муайяннамудаи иҷозатнома ва тибқи моддаи 227 Кодекси мазкур  бонуси кашфи тиҷоратӣ андози устувори яккаратаи истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ барои кашф ва бақайдгирии конҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ барои истихроҷ муносиб, инчунин гирифтани ҳуқуқи истихроҷ дар ҳудуде мебошад, ки дар иҷозатнома муайян шудааст.

**- Оё дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳастанд корхонаҳое, ки бе иҷозатнома фаъолият кунанд?**

- Натиҷаи корҳои таҳлиливу омӯзишӣ нишон медиҳад, ки айни замон, дар ҳудуди ҷумҳурӣ ҳастанд корхонаву ташкилотҳое, ки то ҳол бе гирифтани иҷозатнома ба истихроҷи сарватҳои зеризаминӣ машғул мебошанд. Чунин амал, асосан, дар фаъолияти корхонаҳои соҳаи истихроҷи ангишт ва маъданҳои фоиданоки маъмулӣ: хок ва қуму шағал ба чашм мерасанд.

Ҳолати мазкур, агар аз як тараф боиси вайрон шудани принсипҳои қонунгузорӣ дар самти иҷозатномадиҳӣ аз ҷониби корхонаҳои мазкур гардад, аз тарафи дигар ин ҳисоб нашудани маблағи андозҳо аз истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ (бонусҳо ва роялти барои истихроҷ) дар фаъолияти чунин корхонаҳо ба ҳисоб меравад.

**- Бонуси обунавӣ чӣ гуна пардохт мешавад?**

- Пардохткунандаи бонуси обунавӣ шахсе ба ҳисоб меравад, ки дар озмун ва ё музокирот ғолиб омада, иҷозатномаҳои зеринро соҳиб шудааст:

*- иҷозатнома барои омӯзиши геологӣ ва ё барои истихроҷи сарватҳои зеризаминӣ.*

Ду мӯҳлати пардохти бонуси обунавӣ муайян шудааст. Аз ҷумла, бо дарназардошти он ки ҳаҷми бонуси обунавӣ дар қарордод муайян мегардад, пардохти аввалин аз ҷониби худи истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ дар ҳаҷми на камтар аз панҷоҳ фоизи камтарине, ки барои бонуси обунавӣ муайян шудааст, пардохт мешавад.

Инчунин, аз сабаби он ки ҳаҷми аниқи бонуси обунавӣ дар қарордод муайян мегардад, бинобар ин истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ пардохти дуюмро дар ҳаҷми дар қарордод муайян кардашуда бо тарҳи пардохти аввала муайян намуда, маблағи муқарраршударо дар давоми 30 рӯзи тақвимӣ, баъд аз санаи эътибор пайдо кардани қарордод дар бораи истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ, ба анҷом мерасонад.

**- Бонуси кашфи тиҷоратӣ чӣ хел пардохт мегардад?**

- Бонуси кашфи тиҷоратӣ  ба буҷет на дертар аз 90 рӯз аз санаи додани иҷозатнома (иҷозат) барои истихроҷи маъданҳои фоиданок ё аз рӯзи аз ҷониби мақоми давлатии барои ин мақсадҳо ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудани ҳаҷми захираҳои маъданҳои фоиданоки ба таври иловагӣ истихроҷшаванда ё аз санаи аз ҷониби мақоми давлатии мазкур тасдиқ намудани ҳаҷми захираҳои истихроҷшавандаи маъданҳои фоиданок пардохт карда мешавад.

Дар баробари бонусҳо истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ доир ба ҳар як намуди сарватҳои зеризаминӣ, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон истихроҷ карда мешаванд, новобаста аз он ки онҳо ба харидорон таҳвил намудаанд ва ё барои эҳтиёҷоти худӣ истифода гардидаанд, роялтиро пардохт менамоянд.

Тибқи Кодекси андоз андозҳо аз истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ дар ҳолати истифода кардани захираҳои табиӣ, аз ҷумла истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ дар доираи қарордодҳо оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ва (ё) истифодабарии об  барои истеҳсоли неруи барқ пардохт мешаванд.

**- Ҳаҷми маблағи бонуси обунавӣ ва бонуси кашфи тиҷоратӣ бо чӣ тартиб ва дар асоси кадом санади меъёрӣ ҳисоб карда мешавад?**

- Чуноне, ки қайд гардид, истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ пас аз ба дастовардани иҷозатнома барои бастани қарордод оид ба истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ ба мақомоти ваколатдор муроҷиат менамояд.

Мақомоти ваколатдор дар мӯҳлати 1 моҳ аризаро барои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ баррасӣ менамояд, лоиҳаи қарордоди истифодаи қаъри заминро таҳия ва барои мувофиқа ба Камиссияи назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Камиссияи назди  Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қарордодро, дар мӯҳлати 1 моҳ баррасӣ намуда, доир ба он хулосаи экспертизаи ҳатмии андозро оид ба мутобиқати он ба қонунгузории андоз, нисбати сатҳи гаронии андоз ва дигар ҷанбаҳои андозбандӣ пешниҳод менамоянд.

Бояд қайд кард, ки маблағи бонуси обунавӣ ва бонуси кашфи тиҷоратӣ барои истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ дар асоси тартиби муқаррарнамудаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои муайян намудани меъёрҳои бонуси обунавӣ, меъёрҳои бонуси кашфи тиҷоратӣ, бастани қарордодҳои истифодаи қаъри замин ва Тартиби гузаронидани экспертизаи ҳатмии қарордодҳои истифодаи қаъри замин” аз 30.08.2011, №426 ва андози роялти барои истихроҷ



тибқи меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси андоз ҳисоб карда шуда, дар қарордоди истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ дарҷ мегардад.

Меъёри андози муқаррарнамудаи қарордоди истифодаи қаъри замин, ки тибқи тартиби муқарраргардида баста шудааст ва аз экспертизаи ҳатмии андоз гузаштааст, то ба охир расидани мӯҳлати амали қарордоди мазкур бетағйир, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар банди 10 Тартиби дар қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2011, таҳти №426 пешбинигардида, амал мекунад.

Зикр мекунем, ки тибқи талаботи банди 4 моддаи 221 Кодекси андоз низоми андозе, ки дар қарордоди истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ муқаррар карда мешавад, бояд дар лаҳзаи бастани қарордод ба талаботи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат намояд.

Ҳамзамон, тибқи талаботи бандҳои 10 ва 20 (замимаи 2) қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2011, таҳти №426 дар сурати баъди санаи имзои қарордод ба қонунгузорӣ ворид гардидани тағйирот, ки он ба тағйирёбии шартҳои иқтисодӣ оварда мерасонад, қарордодҳои пештар баимзорасида аз нав ба расмият даровардa мешаванд ва тағйироти воридгардида дар қонунгузорӣ, ба қарордодҳои пештар ба имзорасида мутобиқ гардонида хоҳанд шуд. Яъне ҳангоми тағйир ёфтани қонунгузорӣ дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, ки ба тартиби бастани қарордод барои истифодаи қаъри замин метавонад таъсир расонад, қарордодҳои барои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ бо дарназардошти тартиби тағйирдодашуда баста мешавад ва қарордодҳои пештар ба имзорасида бо ҳамин назардошт аз нав ба расмият даровардa мешаванд.

**- Тартиби андозбандии истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ дар дигар давлатҳо чӣ гуна аст?**

- Лозим ба ёдоварист, ки дар қонунгузории андози дигар давлатҳои хориҷаи дуру наздик низ, аз ҷониби истифодабарандагони қаъри замин пардохт гардидани бонусҳо муқаррар шудааст ва бинобар ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудани пардохти бонусҳо ҳолати истисноӣ ба ҳисоб намеравад.

Масалан, дар Ҷумҳурии Қазоқистон барои 1 тонна тилло бонуси обунавӣ ба маблағи 41 доллари ИМА ва дар Ҷумҳурии Қирғизистон вобаста ба ҳаҷми кон аз 229 то 15 000 доллари ИМА бонуси обунавӣ пардохт карда мешавад, ки он дар асоси файзнокӣ, ҷойгиршавӣ ва хароҷот барои азхудкунии кандании фоиданок муайян мегардад. Ё  бонуси кашфи тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон барои 1 тонна тилло ба маблағи 4100 доллари ИМА, аммо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон  барои 1 тонна тилло ҳамагӣ 410 доллари ИМА пардохт карда мешавад, ки назар ба Ҷумҳурии Қазоқистон 10 баробар кам аст.

**- Барои истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳо пешбинӣ гардидаанд?**

- Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодабарандагони қаъри замин танҳо бонуси обунавӣ, бонуси кашфи тиҷоратӣ ва роялти барои истихроҷро пардохт менамоянд. Дар дигар давлатҳо, истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ илова ба бонуси обунавӣ ва бонуси кашфи тиҷоратӣ боз бонуси истихроҷӣ, роялти барои истихроҷ, пардохт барои хароҷоти таърихии сарфшуда ва андоз аз фоидаи фавқулоддаро низ пардохт менамоянд.

Инчунин, бо мақсади дастгирии рушди минбаъдаи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавасмандгардонии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва сармоягузории хориҷию ватанӣ дар асоси қисми 2 моддаи 223 Кодекси андоз муқаррар шудааст, ки дар ҳолати аз тарафи истифодабарандаи захираҳои табиӣ ба анҷом расонидани корҳои омӯзиши геологӣ, субъекти хоҷагидор танҳо супорандаи бонуси кашфи тиҷоратӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ тибқи қисми 3 моддаи 169 Кодекси андоз дар ҳолати додугирифти консентратҳо ва маъданҳо, инчунин истеҳсол ва таҳвили металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо аз андоз аз арзиши иловашуда озод мебошанд.

Инчунин, бояд ёдрас намоем, ки тибқи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сармоягузорон, аз ҷумла барои субъектҳои хоҷагидор, ки ба истифодаи сарватҳои табиӣ машғул мебошанд, як қатор имтиёзҳои дигар  пешбинӣ шудааст:

*-тибқи моддаи 252 Кодекси андоз аз 1 январи соли 2015 меъёри андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 50% кам карда шуда, аз 1 январи соли 2020 ин андоз бекор карда мешавад.*

*Илова бар ин, андозҳо аз истифодабарандагони захираҳои табиӣ (бонусҳои обунавӣ, кашфи тиҷоратӣ ва роялти барои истихроҷ) барои ин гурӯҳ андозсупорандагон бо он сабаб гаронӣ намеоварад, ки баъдан ҳамчун хароҷот аз манбаи андозбандишавандаи андоз аз фоида тарҳ карда мешавад.*

**М. УСМОНОВА,**
**корманди шуъбаи ВАО-и Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

СЕМИНАР–МАШВАРАТ

# Анбори электронӣ

## Он чӣ тавр ташкил карда мешавад?

**12 сентябри соли 2019 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки андозсупорандагони ноҳияҳои Сино ва Фирдавсии шаҳри Душанбе семинар-машварат баргузор гардид.**

Дар оғози смеинар-машварат муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нарзулло Маликзода қайд кард, ки бо мақсади назорати иҷрои талаботи моддаҳои 19 ва 47 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, боби 29 Кодекси гражданий Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани маъмурикунонии андози низоми содакардашуда таъмини пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд, дуруст ба ҳисоб гирифтани амалиёти андозбандишавандаи дар эъломияҳои аз ҷониби андозсупорандагон ба мақомоти андоз пешниҳодшуда, инчунин, дурустии ҳисоб ва пардохти андози низоми содакардашуда вобаста ба ҳаҷм ва арзиши молу маҳсулоти воридшуда аз хориҷи кишвар ва ҳамзамон аз дохили ҷумҳурӣ харидоришуда (истеҳсолшуда) мутобиқи талаботи моддаи 89 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 августи соли 2019, таҳти №389 ба тасвиб расид.

Тавре дар фармоиши мазкур таъкид гардидааст, шурӯъ аз 1 октябри соли 2019 ҷиҳати таъмини пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд дар доираи модулҳои алоҳидаи барномаи компютерӣ, анбори электронии нигоҳдории молҳои андозсупорандагон ташкил гардида, таҳвили молҳо аз ҷониби андозсупорандагон минбаъд тавассути барномаи компютерӣ пайгирӣ хоҳад шуд. Ҳамзамон, ҳангоми ба таври автоматӣ дар барномаи компютерӣ ташаккул додани эъломияи андози низоми содакардашуда, нишондодҳои амалиётҳои воридотӣ (харид) ва хароҷотӣ (фурӯш) аз анбори электронии андозсупорандагон ба инобат гарифта мешавад. Анбори электронӣ дар барномаи компютерӣ ба субъектҳои соҳибкории хурди дар низоми содакардашудаи андозбандӣ ва соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда (ба истиснои хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда) роҳандозӣ гардида, ҳамаи соҳаҳои фаъолияти субъектҳои мазкурро дар бар мегирад.

Дар асоси ин фармоиш раёсатҳои ташкили андозбандӣ, санҷиши андозҳо, хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳои Кумитаи андоз муваззаф гаштаанд, ки мониторинги доимии анбори электронии андозсупорандагонро дар барномаи компютерӣ пеш баранд. Ҳамзамон, раванди аз ҷониби андозсупорандагон дуруст дохил ва таҳвил намудани молҳоро тавассути анбори электронӣ бо истифода аз барномаи компютерӣ таҳти назорати доимӣ қарор дода, ҷиҳатиислоҳи камбудиҳо чораҷӯӣ намоянд.

Дар охир андозсупорандагон ба саволҳои хеш ҷавобҳои мушаххас гирифтанд.

**Неъматулло ЗОИРЗОДА**

**ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!**

БА МАЪЛУМОТИ ШУМО МЕРАСОНЕМ, КИ РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ МЕТАВОНЕД АЗ СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ **WWW.ANDOZ.TJ** ВА БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ АЗ БАХШИ ИТТИЛООТИИ (КОНТАКТ-СЕНТР) **151** ИСТИФОДА НАМОЕД.

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Вазъи истифодаи МНХ

**Истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ (МНХ) яке аз воситаҳои асосии муайян намудани даромади воқеии андозсупорандагон ба ҳисоб рафта, истифодаи он ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ дар вақти фурӯши мол, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо бо пули нақд дар асоси моддаҳои 38-39 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.05.2013 №210 ҳатмӣ мебошад.**

Тибқи ҳуҷҷатҳои мазкур мақомоти андоз вазифадоранд, ки аз ҷониби андозсупорандагон ҳангоми муомилоти пулӣ бо аҳолӣ истифодаи ҳатмии мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалиро назорат намоянд. Зеро мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ яке аз воситаҳои асосии муайян намудани даромади воқеӣ ва гардиши пули нақдии андозсупорандагон ба ҳисоб рафта, барои дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ замина мегузорад.

Дар доираи маълумоти тариқи электронӣ аз мошинҳои назоратӣ- хазинавии соҳибкорон воридгардида, Кумитаи андоз назорати раванди истифодабарии мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ ва додани чипта ба истеъмолкунандагонро зери назорат қарор дода, пеш аз ҳама, бо андозсупорандагоне, ки дар мавриди истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ ба қонунвайронкуниҳо роҳ медиҳанд, корҳои фаҳмондадиҳӣ доир менамояд. Ба истилоҳи дигар, истифодаи МНХ-и дорои ТИЭ имкон медиҳад, ки фаъолияти андозсупоранда ва интизоми ӯ оид ба истифодаи МНХ дар низоми мустақим зери назорат қарор гирифта, масъулияти андозсупоранда ҷиҳати риояи қонунгузории андоз баланд бардошта шавад, сатҳу сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон беҳтар гардад.

Истифода аз МНХ-и муосир, ҳамчунин, корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратии мақомоти андоз имконият дод, ки субъектҳои соҳибкорӣ ҳангоми ҳисобаробаркуниҳои нақдӣ нисбат ба солҳои қаблӣ аз МНХ зиёдтар истифода намоянд ва бояд гуфт, ки ин ҷараён дар ҳоли афзоиш аст.

Тавре сардори шуъбаи санҷишҳои амалиётӣ, назорати фаврӣ ва пешгирии соҳибкории ғайриқонунии Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шаҳриёр Авғонов иттилоъ дод, ба ҳолати 1-уми сентябри соли 2019 мақомоти андози кишвар дар миқёси ҷумҳурӣ дар фаъолияти 19789 андозсупоранда 26741 адад МНХ-и дорои ТИЭ насб намудаанд. Аз ин дар фаъолияти 6627 нафар шахси ҳуқуқӣ 13401 адад ва дар фаъолияти 13162 соҳибкори инфиродӣ 13340 МНХ-и дорои ТИЭ насб шудаанд.

Аз ҷумла, Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе дар фаъолияти 7418 андозсупоранда 10249 МНХ-и дорои ТИЭ, Раёсати андоз дар вилояти Суғд дар фаъолияти 6263 андозсупоранда 8185 МНХ, Раёсати андоз дар вилояти Хатлон дар фаъолияти 3063 андозсупоранда 4111 МНХ, нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар фаъолияти 2921 андозсупоранда 3762 МНХ-и дорои ТИЭ ва Раёсати андоз дар ВМКБ дар фаъолияти 79 андозсупоранда 86 МНХ-и дорои ТИЭ насб намудааст.

Манбаъ гуфт, ки аз шумораи умумии МНХ-ҳои насбшуда 20842 ё 78,6 фоизи он аз ҷониби андозсупорандагон мунтазам истифода мегардад, ки аз ин 10821 шахси ҳуқуқӣ ва 10021 соҳибкорӣ инфиродӣ мебошанд. Вале, бо вуҷуди таъкидҳои пайвастаи мақомоти андоз ва гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳиву назоратӣ, аз шумораи умумии андозсупорандагони бо МНХ таъминбуда, дар ҳашт моҳи соли ҷорӣ ба ҳисоби миёна 2838 нафар аз МНХ-и дорои ТИЭ истифода намекунанд, ки ба ҳисоби миёна 2235 шахси ҳуқуқӣ ва 602 соҳибкорӣ инфиродӣ мебошанд.

Ба гуфтаи Ш. Авғонов кормандони мақомоти ҳудудии андоз ҳам бояд дар ин самт назоратро ҷиддӣ кунанд. Мувофиқи талаботи моддаи 39 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.05.2013, №210 онҳо бояд назорати риояи тартиби истифодаи мошинҳои назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалиро амалӣ намоянд.

Дар доираи маълумоти тариқи электронӣ аз МНХ – ҳои соҳибкорон воридгардида, Кумитаи андоз назорати раванди истифодабарии мошинҳои назоратӣ – хазинавӣ ва додани чипта ба истеъмолгаронро зери назорат қарор дода, пеш аз ҳама, бо андозсупорандагоне, ки дар мавриди истифодаи мошинҳои назоратӣ – хазинавӣ ба қонунвайронкуниҳо роҳ медиҳанд, корҳои фаҳмондадиҳӣ анҷом медиҳад.

Шумораи субъектҳои соҳибкорие, ки бе истифодаи МНХ фаъолият менамоянд ва ё ин ки МНХ - и онҳо бо ТИЭ муҷаҳҳаз нест, ҳоло ҳам ба чашм мерасад. Ёдовар мешавем, ки мутобиқ ба тағйироти ба моддаи 38 Кодекси андоз воридгардида, ки аз 01.01.2017 мавриди амал қарор дорад, МНХ бояд қобилияти интиқоли электронии маълумотро дошта бошад.

Ҷиҳати тақвият бахшидан ба раванди таъмини соҳибкорон бо МНХ мақомоти ҳудудии андоз бо истифода аз таҳлили барномаҳои СИА корро дар ин самт ҷоннок намуда, пеш аз ҳама, нисбати он субъектҳое, ки бархилофи талаботи муқарраргардида дар фаъолияташон аз МНХ истифода наменамоянд, инчунин, андозсупорандагонеро, ки аз оғози фаъолияташон 3 моҳ гузаштааст, бо МНХ-и дорои ТИЭ таъмин намоянд.

Воқеан, яке аз роҳҳои пурра ба андозбандӣ фаро гирифтани даромади воқеии андозсупорандаҳо мавриди истифодаи дуруст қарор додани мошини назоратӣ – хазинавӣ (МНХ) мебошад. Насбу истифодаи МНХ ҳам барои худи соҳибкорон, ҳам коргарони нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ, ҳам истеъмолкунандагон ва ҳам ғановати буҷету рушди иқтисоди кишвар аҳамияти калон дорад.

Аз ин рӯ, соҳибкоронро зарур аст, ки зимни истифодаи МНХ масъулият эҳсос кунанд ва ба харидорон аз МНХ ҳатман чипта пешниҳод намоянд. Ҳамзамон, ҷиҳати тақвият бахшидан ба раванди таъмини соҳибкорон бо МНХ мақомоти ҳудудии андоз бояд бо истифода аз таҳлили барномаҳои СИА корро дар ин самт ҷоннок намоянд. Ҳамчунин, нисбати субъектҳое, ки дар фаъолияташон аз МНХ истифода намекунанд, чораҳо андешида, андозсупорандагонеро, ки аз оғози фаъолияташон 3 моҳ гузаштааст, бо МНХ-и дорои ТИЭ таъмин кунанд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Названа стоимость часа труда в странах Европейского союза в 2019 году

Самая высокая почасовая оплата труда в странах Европейского союза зафиксирована в Дании и Люксембурге. Об этом пишет австрийская газета Die Presse со ссылкой на данные, предоставленные Федеральным статистическим управлением Германии.

В первом квартале 2019 года средняя плата за час работы в Дании составила €44,7, в Люксембурге — €40,3. Следом расположились Бельгия и Швеция — €40 и €39,3 соответственно. Во Франции час труда стоит €36,5, в Германии — €35, в Австрии — €34,9.

В Великобритании часовая оплата оказалась ниже, чем в среднем по Европейскому союзу — €26,3 против €26,6. В середине списка находятся Словения (€18,3) и Греция (€16,1).

Меньше €10 платят в странах бывшего социалистического лагеря: в Польше и Венгрии (€9,9), Латвии (€9,7), Литве (€9,2), Румынии (€6,5) и Болгарии (€5,3). Эти страны замыкают список. Однако в них зафиксирован наибольший рост почасовой оплаты труда за минувший год, особенно в Румынии: с первого квартала 2018 года он составил 13,7%. В Болгарии — 12,3%. В странах Западной Европы оплата увеличилась за год в среднем на 1−3%.

Португалия стала единственной страной, где отмечено снижение почасовой оплаты — на 0,3% за год. там в среднем в час получают €13,3.

# Ҳолати андозсупории корхонаҳои хиштбарорӣ

**Солҳои охир бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ якчанд имтиёзу дастгирии андозиву гумрукӣ пешниҳод гардиданд.**



Озод намудан аз андози фоида, вобаста ба ҳаҷми сармоягузориҳо, озод намудани воридоти таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маҳсулоти такмилии он аз андоз аз арзиши иловашуда, ашёи хоми истеҳсолӣ тибқи номгӯй аз андозҳо озод намудани соҳаи парандапарварӣ, истеҳсоли доруворӣ ва либоси ягонаи мактабӣ, эълон шудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то санаи 1-уми январи соли 2021 аз ҳамин ҷумлаанд. Ҷавобан ба ин, андозсупорандагонро мебоист барои афзоиши ҳаҷми истеҳсоли махсулот, зиёд намудани ҷои корӣ, фонди музди меҳнат ва пардохти андозҳо ҳавасманд бошанд. Аммо таҳлилу муқоисаи маълумоти омориву андозӣ нишон медиҳад, ки аз ҷониби корхонаҳои истеҳсолӣ ҳаҷми воқеии истеҳсол ва фурӯши маҳсулот ва мутаносибан, ҳисобу пардохти андозҳо пинҳон дошта мешаванд.

Бо мақсади таъмини дурусти ҳисобу пардохти андозҳо, шаффофияти фаъолияти истеҳсолӣ дар Раёсати андози вилояти Суғд семинар-машварат ва ҷаласаи корӣ бо иштироки роҳбарияти мақомоти андози вилоят, нозирони андоз, сарварон ва муҳосибони корхонаҳои истеҳсоли хишт баргузор гардид.

Сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андози вилояти Суғд Холис Исломиддинов ба мо иттилоъ дод, ки айни замон дар миқёси вилояти Суғд 45 корхонаи саноатии истеҳсоли хишт фаъолият менамоянд. Дар асоси маълумоти оморӣ аз тарафи онҳо дар соли 2019, дар маҷмӯъ, 21 миллион дона хишт ба маблағи 10,5 миллион сомонӣ истеҳсол шудааст. Таҳлили маълумот аз рӯи даромад, хароҷот ва муқоисаи шабеҳи фаъолият нишон медиҳад, ки маҳсулоти истеҳсолии аксарияти корхонаҳо дар ҳисобот нишон дода намешавад. Аз ҷумла, аз шумораи умумии 45 корхона ҳамагӣ 3 адади онҳо истеҳсоли хиштро зиёда аз 1 миллион дона нишон дода, дар 8 корхона аз 500 то 1 миллион дона, дар дигар корхонаҳои истеҳсолӣ ҳаҷми истеҳсоли хишт ҳамагӣ аз 30 то 300 ҳазор донаро ташкил додааст, ки ҳатто хароҷоти ин корхонаҳоро рӯйпӯш наменамояд.

Азназаргузаронии интихобии корхонаҳои истеҳсоли хишт нишон дод, ки хусусияти истеҳсолии онҳо қариб якхела буда, ғунҷоиши хумдонҳои хиштпазӣ то 100 доннаро ташкил медиҳад ва ҷараёни гузариш аз маҳсулоти хом то хишти пӯхта 14 рӯзро дар бар мегирад. Аммо аз рӯи ҳаҷм, даромаднокию фоиданокӣ, шумораи кормандон, музди меҳнат ва суди сахмияи муассис аз фоидаи фаъолияти корхона фарқияту номутобиқатиҳои назаррас ҷой доранд.

Дар семинар-машварат ҳама самтҳои фаъолият, нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ, ҳисобу пардохти андозҳо дар ҳамаи 45 корхонаи истеҳсоли хишт дар вилояти Суғд бо иштироки муассисон, сарварон ва муҳосибонашон мавриди таҳлилу баррасии ҷиддӣ қарор гирифт. Барои ислоҳи камбудиҳо ва дар оянда дуруст пешниҳод намудани ҳисоботи андозӣ дар назди роҳбарияти корхонаҳо ва масъулони соҳа вазифаҳои мушаххас гузошта шуданд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# Афзоиши қарз

**Афзоиши бақияи қарзи андозҳо мақомоти андози вилояти Хатлонро ба ташвиш овардааст. Агарчи корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ бо андозсупорандагони қарздор ба роҳ монда шудааст, вале ҳамоно ин масъала ба пуррагӣ ҳалли худро пайдо намекунад. Дар ноҳияи Дӯстӣ низ ин мавзӯъ доғи рӯз маҳсуб меёбад.**



Сардори бахши баҳисобгирии даромадҳои Нозироти андоз дар ноҳияи Дӯстӣ Исфандиёр Чӯраев изҳор дошт, ки фақат қарзи се андозсупоранда 50 фисади қарзҳои умумии ноҳияро миёни андозсупорандагон ташкил медиҳад.

Ҷамъиятҳои дорои масъулияташ маҳдуди «Агро сохтмон» ба маблағи 4 миллиону 11 ҳазору 121 сомонӣ, «Умед 81» ба маблағи 1 миллиону 125 ҳазору 99 сомонӣ ва «Ориё Ҷ» ба маблағи 646 ҳазору 760 сомонӣ бақияи қарзи андоз доранд.

Ҳуқуқшиноси нозироти андози ноҳияи мазкур Мирзошариф Ғуломов гуфт, ки ҳар моҳ бо андозсупорандагони қарздор оид ба қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида мешавад. Хусусан, дар бораи сари вақт пардохт накардани андозҳо, афзоиши он ва ба ҷавобгарӣ кашида шудани андозсупоранда маълумоти пурра пешниҳод мегардад. Баҳри баланд бардоштани донишу фаҳмиши ҳуқуқии андозсупорандагон кӯшиш дорем, аммо натиҷа дилхоҳ нест.

Исфандиёр Чӯраев илова кард, ки аз дигар андозсупорандагони қарздор ба маблағи 5 миллиону 751 ҳазору 77 сомонӣ бақияи қарз боқӣ мондааст. Масалан, Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Техэнергекомплект» ба маблағи 102 ҳазору 578 сомонӣ, Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Само» 611 ҳазору 746 сомонӣ, кооперативи тиҷоратии «А Қаландар» 435 ҳазору 696 сомонӣ ва кооперативи тиҷоратии «Эшбек Саттор» ба маблағи 891 ҳазору 141 сомонӣ аз ҳисоби андоз қарздор мебошанд.

**С. РУСТАМ,**
**вилояти Хатлон**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# В партии «Слуга народа» допустили увеличение подоходного налога на Украине



Новоизбранный депутат Верховной рады Украины от партии «Слуга народа» Даниил Гетманцев, который возглавит комитет по вопросам финансовой и таможенной политики, считает возможным увеличение подоходного налога.

Подоходный налог для физических лиц (НДФЛ) на Украине в 2019 году составляет 18%.

«Умеренная прогрессия в НДФЛ имеет право на существование. Не доводить, конечно, ставку, как это было во Франции или США, до 70%. Даже до 30% не надо доводить, но поставить умеренную прогрессию, хотя бы плюс 5%, было бы уместно и справедливо. Однако этот вопрос дискутируется», - заявил Гетманцев в интервью интернет-изданию «Экономическая правда», опубликованном в среду.

По его словам, такая инициатива еще обсуждается, в том числе с представителями общественности.

**https://ria.ru/20190828/1558004659.html**

# Машғулиятҳои бозомӯзӣ

**Дар бахши Маркази такмили ихтисоси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд барои кормандони мақомоти андоз машғулиятҳои бозомӯзии навбатӣ ташкил гардид. Бо Фармоиши сардори Раёсати андоз дар вилояти Суғд ба машғулиятҳои навбатии бозомӯзӣ 16 нафар корманди нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоят даъват шуданд.**

Тавре корманди бахши Маркази такмили ихтисос Валаматшех Маҳмудов зикр дошт, аз оғози соли равон то ин дам, дар маҷмӯъ 11 маротиба машғулияти бозомӯзӣ доир гардида, 162 нафар корманди мақомоти андози вилояти Суғд ба такмили ихтисос ва баланд бардоштани савияи касбӣ фаро гирифта шуданд. Мақсад аз ташкили ин машғулиятҳо баланд бардоштани малакаи касбии кормандони мақомоти андоз дар мавриди донишҳои сиёсӣ, соҳавӣ, ҳисоби дурусти андозҳо, қабули ҳисоботи муҳосибӣ, эъломияҳои андоз ва гузаронидани корҳои назоратӣ дар ин самт буда, барои гузаронидани машғулиятҳои бозомӯзӣ мутахассисони варзидаи Раёсати андози вилоят ва устодони донишгоҳҳое, ки мутахассисони ояндаи мақомоти андозро тайёр мекунанд, ҷалб карда шуданд.

**И. ТОҲИРҶОН,**
**вилояти Суғд**

## Тартиби ба рӯйхати “Андозсупорандагони бемасъулият” дохил ва аз он хориҷ кардани субъектҳои хоҷагидор

Андозсупорандагоне, ки уҳдадориҳои андозии худро мутобиқи талаботи қисми 51 моддаи 17 Кодекси андоз сари вақт ва пурра иҷро намекунанд, дар асоси фармоишҳои дахлдори Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил мешаванд ва ҳуқуқи ба таври электронӣ пешниҳод намудани ҳисоботи андоз ва истифода кардан аз ҳисобнома – фактураҳои андоз аз арзиши иловашударо аз даст медиҳанд.

Дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 сентябри соли 2019, таҳти №426 номгӯи андозсупорандагон бо сабабҳои дуруст ба роҳ намондани фаъолияти корхона ва пардохт накардани бақияи қарзи андоз, пешниҳод накардани эъломияи андоз, амалан анҷом надодани амалиёти андозбандишаванда ва пардохт накардани маблағи дар натиҷаи санҷиш барилова ҳисобшуда ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил мешаванд.

Бояд зикр кард, ки тибқи тартиби муқарраршуда барои сари вақт таъмин накардани иҷрои уҳдадориҳои андоз, андозсупорандагони дар замимаи №1-и фармоиши мазкур дарҷшуда, бо дарназардошти хулосаҳои замимагардида ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил мешаванд.

Бинобар сабаби бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, инчунин, татбиқи чораҳои маъмурӣ, андозсупорандагони дар замимаи №2-и Фармоиши мазкур дарҷшуда, бо дарназардошти хулосаҳои замимагардида аз рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» хориҷ карда мешаванд.

**Замимаи №1**
**ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
*аз 6 сентябри соли 2019, №426*

**Номгӯи андозсупорандагоне, ки ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил шудаанд:**

| № | Номгӯи андозсупоранда | Сабабҳои ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил намудани андозсупорандагон |
|---|---|---|
| 1 | ҶДММ “Восток 0101” | Дуруст дар доираи қонунгузорӣ ба роҳ намондани фаъолияти корхона ва таъмин накардани иҷрои уҳдадориҳои андоз |
| 2 | ҶДММ “Тачойл” | |
| 3 | ҶДММ “Архитектурные Проекты” | |
| 4 | ҶДММ “Хоҷаи Нур” | |
| 5 | ҶДММ “Исфаҳон” | |
| 6 | ҶДММ “Озод сохтмон” | Бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 7 | ҶДММ “Б. Шариф” | Дуруст дар доираи қонунгузорӣ ба роҳ намондани фаъолияти корхона ва таъмин накардани иҷрои уҳдадориҳои андоз |
| 8 | ҶДММ “Комрон компания” | |

**Замимаи №2**
**ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
*аз 6 сентябри соли 2019, №426*

**Номгӯи андозсупорандагоне, ки аз рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» хориҷ шудаанд:**

| № | Номгӯи андозсупоранда |
|---|---|
| 1 | АИО “Оби Зарнисори Вахш” |
| 2 | ҶДММ “Рамз” |

Хотиррасон менамоем, ки тибқи фармоиши мазкур раёсатҳои санҷиши андозҳо, ташкили андозбандӣ, ситонидани қарзи андозҳои дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андозро вазифадор гардидаанд, ки аз лаҳзаи ба рӯйхати “Андозсупорандагони бемасъулият” дохил намудани субъекти хоҷагидор, фаъолияти онҳоро зери назорати қатъӣ қарор диҳанд ва ҷиҳати ислоҳи камбудиҳое, ки барои содир намудани он субъект ба рӯйхати “Андозсупорандагони бемасъулият” дохил шудааст, дар доираи талаботи қонунгузорӣ ва тартиби мазкур чораҷӯӣ намоянд.

Ҳамчунин, баъди тасдиқ гардидани фармоиши мазкур рӯйхати андозсупорандагон дар сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj) ҷойгир карда мешавад.

**Н. ЗОИРЗОДА**

## Рафти бақайдгирии андозсупорандагон

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти иҷрои талаботи Фармоиши Кумитаи андоз аз 13.06.2019, таҳти №262 “Бақайдгирии андозсупорандагон вобаста ба низомҳои андозбандӣ”-ро ба ҳолати 20.08.2019 мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дод.**



Ёдовар мешавем, ки бо мақсади таҳлил ва назорати минбаъдаи фаъолияти субъектҳои соҳибкории дар низомҳои махсус ва имтиёзноки андозбандӣ фаъолияткунанда, инчунин ташкили ягонаи махзани маълумот ва пешбурди мониторинги имтиёзҳои андозӣ, дар доираи лоиҳаи ислоҳоти маъмурикунонии андоз, аз 1 июни соли 2019 сар карда модули нави барномаи компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо (СМИИА) “Бақайдгирии андозсупорандагон вобаста ба низомҳои андозбандӣ” мавриди амал қарор гирифтааст.

Чуноне ки аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ доданд, аз 210920 адад субъекти хоҷагидори амалкунанда (бе дарназардошти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва воҳидҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ) дар ин давра аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз ҳамагӣ 35938 адад ё 17,0 фоизи онҳо бо истифода аз модули мазкур ба қайд гирифта шудаанд. Аз ҷумла 11300 адад ё 36,6 фоиз ба шахсони ҳуқуқӣ ва 24638 адад ва ё 13,7 фоиз ба соҳибкорони инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда рост меояд.

Рафти баҳисобгирии субъектҳои дар низомҳои андозбандӣ фаъолияткунанда бо истифода аз модули барномаи компютери СМИИА “Бақайдгирии андозсупорандагони вобаста ба низомҳои андозбандӣ” аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ дар вилояти Суғд 7968 адад ё 28,6 фоиз, шуъбаи НАК дар вилояти Суғд 50 адад ё 58,6 фоиз, шуъбаи НАМ дар вилояти Суғд 5 адад ё 0,6 фоиз, вилояти Хатлон 9311 адад ё 53,3 фоиз, шуъбаи НАК дар вилояти Хатлон 35 адад ё 74,5 фоиз, дар шаҳри Душанбе 6199 адад ё 48,1 фоиз, шуъбаи НАМ дар шаҳри Душанбе 30 адад ё 45,0 фоиз, НАК Дастгоҳи марказӣ 69 адад ё 75,8 фоиз ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 889 адад ё ба 19,6 фоиз баробар мебошад.

Коркард ва таҳлили махзани маълумот дар ин самт нишон дод, ки новобаста аз таъкидҳои пайваста ва ирсоли баркияномаи алоҳида нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Рашт, Лахш, Нуробод, Файзобод, Сангвор, Зафаробод, Спитамен, Шаҳристон, шуъбаҳои НАМ дар шаҳру ноҳияҳои Бӯстон, Гулистон, Истаравшан, Ҷаббор Расулов ва ҳамаи нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон то ҳол ягон субъекти соҳибкориро аз рӯи низомҳои фаъолият дар махзани маълумот бо истифода аз модули нави таҳиягардида ба қайд нагирифтаанд.

Лозим ба ёдоварист, ки масъулияти баҳисобгирии пурраи субъектҳои хоҷагидор вобаста ба низомҳои андозбандӣ дар мақомоти ҳудудии андоз бевосита ба зиммаи сардорони шуъбаҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, сардорони бахш, гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ гузошта шудааст.

**Неъматулло ЗОИРЗОДА**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

## В Узбекистане введут сбор за вывоз пряжи и кожсырья за границу. Экспортеры готовой текстильной продукции получат льготы

**В Узбекистане утверждены новые меры по поддержке текстильной и кожевенно-обувной промышленности, сообщает корреспондент Podrobno.uz со ссылкой на данные Минюста.**

Это предусмотрено постановлением «О мерах по дальнейшему развитию легкой промышленности и стимулированию производства готовой продукции».

Согласно документу, с 1 января 2021 года:

— при вывозе кожевенного полуфабриката через таможенную границу взимается сбор от стоимости экспортируемой продукции в размере 10 процентов;.

— при вывозе пряжи хлопчатобумажной через таможенную границу взимается сбор за каждый килограмм экспортируемой пряжи в размере 0,01 доллара.

При этом с 1 января 2020 года предприятия текстильной и кожевенно-обувнойпромышленностей получат ряд льгот:

— предприятия, имеющие долю экспорта готовой швейно-трикотажной продукции в общем объеме выручки в размере не менее 60 процентов, освобождаются от уплаты налога на имущество сроком до 1 января 2023 года;.

— налогооблагаемая база по налогу на прибыль предприятий текстильной, швейно-трикотажной, кожевенно-обувнойи пушно-меховой отраслей уменьшается в течение семи лет равными долями на сумму расходов на строительство современных очистительных и канализационных сооружений;.

— организации, вводящие в эксплуатацию современные автоматизированные комплексы по убою скота, предприятия по переработке кожи освобождаются от уплаты земельного налога до 1 января 2023 года;.

— иностранные консультанты ассоциаций «Узтекстильпром» и «Узчармсаноат» уплачивают налог на доходы физических лиц в размере 50 процентов от его установленной ставки по доходам из источников в Узбекистане.

**Источник: https://news.mail.ru/economics**

# Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансабҳои холии зерин озмун эълон менамояд.

| р/т | Номгӯи мансабҳои холӣ |
|---|---|
| | **Маркази коркарди маълумот** |
| 1. | Сардори Марказ |
| 2. | Сармутахассиси шуъбаи таҳлил, таҳия ва пешниҳоди хулосаҳо |
| 3. | Мутахассиси пешбари шуъбаи таҳлил, таҳия ва пешниҳоди хулосаҳо |
| 4. | Сармутахассиси шуъбаи коркарди маълумотҳои аввалия |
| 5. | Сардори шуъбаи мониторинг |
| 6. | Мутахассиси пешбари шуъбаи мониторинг |
| 7. | Мутахассиси шуъбаи мониторинг |
| | **Раёсати андоз дар ВМКБ** |
| 8. | Мутахассиси гурӯҳи фаҳмондадиҳӣ ва омӯзишии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 9. | Сардори шуъбаи санҷиши андозҳо |
| 10. | Мутахассиси гурӯҳи санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои андози шуъбаи санҷиши андозҳо |
| | **Нозироти андоз дар шаҳри Хоруғ** |
| 11. | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 12. | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 13. | Сармутахассиси бахши ситонидани қарзи андозҳо |
| 14. | Мудири бахши ташкили андозбадии шахсони воқеӣ |
| 15. | Сармутахассиси бахши ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Шуғнон** |
| 16. | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Ишкошим** |
| 17. | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии бахши хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 18. | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии бахши хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Роштқалъа** |
| 19. | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 20. | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Мурғоб** |
| 21. | Сардори Нозироти андоз |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Рушон** |
| 22. | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии бахши хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Ванҷ** |
| 23. | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 24. | Мудири бахши ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Дарвоз** |
| 25. | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 26. | Мутахассиси пешбари бахши ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| 27. | Мутахассиси пешбари бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар ноҳияи Дарвоз |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Лахш** |
| 28. | Мутахассиси пешбари бахши баҳисобгирии даромадҳо |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Тоҷикобод** |
| 29. | Сармутахассиси бахши ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| 30. | Сармутахассиси бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар ноҳияи Тоҷикобод |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Рашт** |
| 31. | Мутахассиси пешбари бахши баҳисобгирии даромадҳо |
| 32. | Сармутахассиси шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| 33. | Мутахассиси шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Сангвор** |
| 34. | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии бахши хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 35. | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии бахши хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 36. | Мудири бахши ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар шаҳри Роғун** |
| 37. | Мутахассиси пешбари бахши баҳисобгирии даромадҳо |
| 38. | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Файзобод** |
| 39. | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 40. | Мутахассиси пешбари шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| 41. | Мутахассиси шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар шаҳри Ваҳдат** |
| 42. | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 43. | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунандаи шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 44. | Сардори шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| 45. | Мутахассиси шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| 46. | Сармутахассиси гурӯҳи санҷиши ҳуҷҷатии андозҳои шуъбаи санҷиши андозҳо |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Варзоб** |
| 47. | Мудири бахши баҳисобгирии даромадҳо – сармуҳосиб |
| 48. | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 49. | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ** |
| 50. | Муовини сардор - сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 51. | Сармутахассис - сармуҳосиб |
| 52. | Сардори шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо |
| 53. | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 54. | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 55. | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 56. | Сардори шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| 57. | Сармутахассиси гурӯҳи санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои андози шуъбаи санҷиши андозҳо |
| | **Нозироти андоз дар шаҳри Ҳисор** |
| 58. | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 59. | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунандаи шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 60. | Сармутахассиси шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| 61. | Сармутахассиси гурӯҳи санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои андози шуъбаи санҷиши андозҳо |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Шаҳринав** |
| 62. | Сардори Нозироти андоз |
| 63. | Сармутахассис - сармуҳосиб |
| 64. | Мутахассиси пешбари бахши баҳисобгирии даромадҳо |
| 65. | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 66. | Сармутахассиси бахши ситонидани қарзи андозҳо |
| 67. | Мудири бахши ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| 68. | Мутахассиси бахши ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода** |
| 69. | Сармутахассис - сармуҳосиб |
| 70. | Сармутахассис – сардори гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 71. | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 72. | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 73. | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунандаи шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 74. | Сармутахассиси шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |

**Талаботи озмун:** Таҳсилоти олии иқтисодӣ ё ҳуқуқшиносии ба ишғоли мансаби холӣ мувофиқ, донистани муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи андоз, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», забони давлатӣ ва тавонистани кор бо технологияҳои иттилоотӣ.

Ба мансаби сардори нозироти андоз, сардори шуъба, мудири бахш, сармутахассис ва мутахассиси пешбар шахсоне, ки мутаносибан 5, 4, 3 ва 1 сол собиқаи умумии корӣ ва ё 4, 3, 2 ва 1 сол собиқаи хизмати давлатӣ доранд, инчунин дорои донишу малакаи идоракунӣ ва банақшагирии кор мебошанд, метавонанд довталабӣ намоянд. Довталабони мансабҳои шуъбаю бахшҳои санҷиши андозҳо ва аудити дохилӣ новобаста аз категорияи мансаб бояд на камтар аз 3 сол собиқаи корӣ дар соҳаи дахлдор дошта бошанд.

**Ба озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**
*- ариза ба унвони роҳбари мақомот (шакли муқарраршуда);*
*- варақаи шахсӣ бо 2 дона расми рангаи 4х6 (бо дасти худ пуркардашуда);*
*- тарҷумаи ҳол (бо дасти худ пуркардашуда);*
*- нусхаи шиноснома;*
*- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот (диплом бо замимааш);*
*- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);*
*- маълумотномаи тиббӣ (шакли №038)*
*- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (агар собиқаи корӣ бошад);*
*- маълумот дар бораи даромад ва вазъи молу мулк;*
*- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);*
*- маълумотнома аз ВКД дар бораи доғи судӣ.*

Ариза ва ҳуҷҷатҳо барои иштирок намудан дар озмун то 15 октябри соли 2019 дар бинои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев – 42/2 шахсан ва ё тариқи электронӣ (www.andoz.tj) қабул карда мешаванд.

Довталабоне, ки ҳуҷҷатҳои худро бо тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд, уҳдадоранд, ки дар рӯзи баргузории озмун - суҳбат ҳуҷҷатҳои аслиро пешниҳод намоянд.

Оид ба санаи баргузории озмун иловатан хабар дода мешавад.

**Телефон барои тамос: 2-33-06-83**

**Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## Бо 65 сомонӣ як сол «Боҷу хироҷ»-ро хонед

**Воситаҳои ахбори оммаи кишвар яке аз унсурҳои ҷудонашаванда ва хеле муҳими давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаи Тоҷикистон ба шумор меравад ва дар рушду нумӯи мамлакат нақши муассир доранд.**

Маъракаи обуна маъракаи муҳим буда, он дар тамоми давру замон чун кӯмак ба дастрасии ВАО ба аҳолӣ вуҷуд дошт. Обуна ягона роҳи боэътимоди дастрасии аҳолӣ ба иттилоот аст.

Ҳоло маъракаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ», ки ягона нашрияи иқтисодии ҷумҳурӣ маҳсуб мешавад, барои соли 2020 идома дорад.

Ёдрас мешавем, ки нархи обуна ба ин рӯзнома, бо вуҷуди ҳамасола баланд шудани арзиши қоғаз, ҳаққи хизматрасонӣ ва дигар маводи чопӣ, имсол на баланд, балки хеле паст шудааст.

Идораи рӯзномаи «Боҷу хироҷ» имконияти моддию молиявии обунашавандаҳоро ба назар гирифта, чунин иқдом намуд. Яъне арзишеро муқаррар кард, ки нисбат ба нархи аксарияти рӯзномаҳои кишвар пасттар аст.

# Зариф Ализода: «Қурбониёни воқеӣ даҳҳо рӯзноманигори шинохтаанд, ки маҳз аз дасти наҳзатиён кушта шуданд»

**16 сентябри соли 2019 дар шаҳри Варшава ҳамоиши навбатии САҲА ба кори худ оғоз кард. Вобаста ба масъалаҳои мавриди баррасӣ дар ин ҳамоиш, аъзои ҳайати расмии Тоҷикистон дар чанд ҷаласа суханронӣ намуданд. Аз ҷумла, роҳбари ҳайати давлатӣ, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Зариф Ализода диққати ҳозиринро ба масъалаи иқдомҳои Ҳукумати Тоҷикистон дар заминаи таъмини арзишҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон ҷалб кард.**

З. Ализода дар мавриди тағйирот ба низоми интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бар асоси меъёрҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон изҳори назар карда, афзуд, ки баъди интихоботи парламентии соли 2015 дар Тоҷикистон як қатор тағйирот ба системаи интихоботӣ ворид карда шуд. Дар ҳамин замина якчанд пешниҳод амалӣ гардиданд. Дар Тоҷикистон қонуни алоҳида оид ба фаъолияти комиссияи интихоботӣ коркард ва қабул шуд. Салоҳияти ин комиссия васеъ гардида, он ба ниҳоди доимоамалкунанда табдил дода шуд. Дар он намояндаи тамоми ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун машваратчӣ иштирок мекунанд. Мувофиқи қонун иштироки намояндагони мустақил ва хориҷӣ дар интихобот пешбинӣ гардидааст.

Роҳбари ҳайати ҳукуматии Тоҷикистон Зариф Ализода гуфт, ки соли 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоботи парламентӣ ва президентӣ баргузор мегардад. «Мехоҳам аз фурсати муносиб истифода намуда, намояндагони САҲА ва дигар ташкилотҳои байналмилалиро барои назорати раванди интихобот даъват намоям»,-илова намуд ӯ.

Вобаста ба вазъи парламент ва демократия Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз дошт, ки дар Тоҷикистон 7 ҳизби сиёсӣ фаъолият доранд. Аз онҳо 3 ҳизб дар парламенти кишвар намояндагони худро доранд. Ҳамчунин дар парламенти Тоҷикистон 3 фраксия мавҷуд аст.

Роҳбари ҳайати ҳукуматии Тоҷикистон тазаккур дод: «Ташкилоти «Гурӯҳи-24», ки қаблан бароммад намуд, мувофиқи қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилоти экстремистӣ эътироф гардида, фаъолияташ дар қаламрави ҶТ мамнӯъ эълон шудааст. Беш аз ин, қайд менамоям, ки роҳ додан ба таҳқири Ҳукумати ҶТ ва роҳбарияти кишвари мо дар чунин ҷаласаи сатҳи баланд, имконнопазир мебошад. Майдони ҷаласа набояд ба ҷойи қасосгирӣ табдил дода шавад».

Дар идомаи суханронии худ, роҷеъ ба иқдомоти давлати Тоҷикистон дар заминаи таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, З.Ализода зикр кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои ҳуқуқии ҳимояи журналистон пурра таъмин аст. Соли 2012 аз Кодекси ҷиноятии ҶТ моддаҳо оид ба таҳқир бардошта шуданд. Акнун масъалаи паҳн намудани маълумоти бардурӯғ аз ҷониби журналистон ҳамчун мурофиаи граждании мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ҳамчунин, мувофиқи қонунҳои ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои монеагузорӣ ба фаъолияти журналистон ҷазои ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст.

«Мутаассифона, мо дар самти ҳуқуқ ва озодиҳои журналистон суҳбат менамоем, аммо уҳдадории ин категорияро баррасӣ намекунем. Танҳо баррасии якҷояи ҳуқуқҳо, озодиҳо ва уҳдадориҳо метавонад мушкилиҳоро дар соҳаи журналистика ҳал намояд», — таъкид намуд Зариф Ализода.

Роҳбари ҳайати расмии ҳукуматии Тоҷикистон Зариф Ализода фишор болои журналистон дар Тоҷикистонро қатъан рад намуда, изҳор дошт, ки баъзе журналистон барои гирифтани мақоми паноҳанда дар Аврупо якчанд мақолаи зиддиҳукуматӣ бо муҳтавои экстремистӣ ва бо даъват ба тағйири сохти конститутсионӣ нашр намуда, ин усулро барои соҳиб гардидан ба санади гуреза ва паноҳҷӯ шудан истифода мекунанд. Барои онҳо тамоми воситаҳо қобили қабул мебошанд.

Зариф Ализода даъво дар бораи қурбони мақомоти расмии Тоҷикистон шудани журналистонро низ буҳтони маҳз хонда, гуфт, ки қурбониёни воқеӣ даҳҳо рӯзноманигорони шинохтаи ҷумҳурӣ ва берун аз он буданд, ки аз дасти наҳзатиён кушта шуданд. «Мисоли равшани ин гуфта, Отахон Латифӣ аст, ки маҳз аз ҷониби аъзоёни ТТЭ ҲНИ ба қатл расонида шуд. Ин ва даҳҳо далелҳои дигар маълум ва ҷойи баҳс надоранд»,-тазаккур дод ӯ.


# ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»

## БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**65 СОМОНӢ**

*нархи яксолаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ»*

Ба «Боҷу хироҷ» бо чашми хирад, чашми нек ва чашми дурбин нигаред ва ҳамрозу ҳамсадо бошед!



СУРОҒАИ МО:
ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:
р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
РМА 030007408

## ЭЪЛОН

### МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати сарфаи вақти корӣ ва бе ҳозир шудан ба нуқтаҳои хизматрасонии "Амонатбонк" қабули андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеиро дар шакли ғайринақдӣ тавассути POS – терминалҳо ба роҳ мондааст.

Хотиррасон мешавем, ки ҳангоми пардохт намудани маблағи андозҳо шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо чиптаҳои пардохт таъмин ва ҳамзамон маблағҳои пардохтшуда ба таври автоматӣ дар ҳисобварақаи онҳо сабт мегардад.

Аз ин лиҳоз, шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо истифода аз тартиби мазкур, метавонанд андозҳо аз молу мулки ғайриманқули худро минбаъд дар шакли ғайринақдӣ дар нозиротҳои андози маҳалли қайди худ бо истифода аз кортҳои бонкӣ пардохт намоянд.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

### БА ДИҚҚАТИ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шаҳрвандон ва соҳибмулконе, ки дорои объектҳои молу мулки ғайриманқул, ба монанди хонаҳои истиқоматӣ, ҳавлӣ, гаражҳо, биноҳо, иморатҳо, бӯстонсароҳо, дигар биною иморатҳо ва қитъаҳои замин мебошанд, хоҳиш менамояд, ки маблағҳои ҳисобшудаи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва замини наздиҳавлигии худро сари вақт ба буҷети давлатӣ пардохт намоянд.

Хотиррасон менамоем, ки дар сурати пардохт накардани маблағи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замин рӯйхати шаҳрвандон ва соҳибмулкони аз андоз қарздор дар матбуоти даврӣ ба чоп мерасад ва ҳамчунин тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ нисбати маблағҳои пардохтнашуда фоизҳо ҳисоб мегарданд.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

■ ҶДММ «Ҷаҳиш Аму» (РЯМ 0110013677) воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешавад.

■ ҶДММ «Парисо 2017» (РМА 040051955) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешавад.

■ ҶДММ «Абубакр Фарм» (РЯМ 1810007348) воқеъ дар шаҳри Кӯлоб, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешавад.

■ ҶДММ «Якдилӣ» (РЯМ 6010004321) воқеъ дар шаҳри Панҷакент, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешавад.

■ ҶДММ «Дилшоди Абдуҷаббор» (РЯМ 6010004165) воқеъ дар шаҳри Панҷакент, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешавад.

■ ҶДММ «Судайс» (РМА 190010176 ) воқеъ дар ноҳияи Восеъ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешавад.

■ ҶДММ «Роҳсози Ховалинг» (РЯМ 2310002530) воқеъ дар ноҳияи Ховалинг, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешавад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Сафар Амиршоев» (РЯМ 2310000275) воқеъ дар ноҳияи Ховалинг, барҳам мехӯрад.

■ Хоҷагии деҳқонии «Шоумед» (РЯМ 6210003901) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Аҳмадҷон» (РЯМ 3510002284) воқеъ дар ноҳияи А.Ҷомӣ, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Маҳмадҷон 1» (РЯМ 3510000304) воқеъ дар ноҳияи А.Ҷомӣ, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Комилхуҷа» (РЯМ 3510005116) воқеъ дар ноҳияи А.Ҷомӣ, барҳам мехӯрад.

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Абдуллоев Фирдавс (РЯМ 0331404682) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Муҳри мудаввари ТҶ Кумитаи падару модарон ва мураббиёни боғчаи №27- и ноҳияи Шоҳмансур (РМА 010023766) аз ноҳияи Шоҳмансур, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Юлдошев Абдурасул (РЯМ 0331204134) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мӯминова Моҳинисо (РЯМ 5130221186) аз шаҳри Хуҷанд, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Холиқов Зафар (РЯМ 6330236532) аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутаалliқ ба Х/Д "Турсунзода" (РЯМ 5430038002) аз ноҳияи Зафаробод, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Насриддинов Талабшо (РЯМ 0330162975) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Султонов Барот (РЯМ 0331365339) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Аҳлидин» (РЯМ 2330001099) аз ноҳияи Ховалинг, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Нигини Сулаймон» (РЯМ 2310000330) аз ноҳияи Ховалинг, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Ҳусейнҷон-2009» (РЯМ 2330012493) аз ноҳияи Ховалинг, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Шаҳло» (РЯМ 2330003720) аз ноҳияи Ховалинг, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Нуридинҷон» (РЯМ 23300110595) аз ноҳияи Ховалинг, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Қиёмуддин» (РЯМ 2330014033) аз ноҳияи Ховалинг, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Бобохонов Зоир (РЯМ 2330001447) аз ноҳияи Ховалинг, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шарофудинов Илҳомҷон (РЯМ 2330019560) аз ноҳияи Ховалинг, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мирзоалиев Шодибек (РЯМ 2330028975) аз ноҳияи Ховалинг, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома ва иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва Гувоҳнома дар бораи додани РМА мутааллиқ ба ҶДММ «Сулаймон Энерҷи» (РМА 040036326) аз ноҳияи Сино, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Мирзоев Муҳриддин (РЯМ 0630013991) аз шаҳри Роғун, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Салам» (РЯМ 2630004502) аз ноҳияи Темурмалик, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Муродова Саноат (РЯМ 0730180615) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Каримова Хосият (РЯМ 0730094833) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ Гулов Ҷамшед (РЯМ 0130040680) аз ноҳияи Шоҳмансур, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Боймурзоев Адабҷон (РЯМ 0530123578) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Хошимова Махфират (РЯМ 5130004871) аз шаҳри Хуҷанд, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Раҳматов Абдумаҷид (РЯМ 6230026569) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Роҳнамо» (РЯМ 2930003808) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба ҶДММ «Самирҷон» (РЯМ 3810002928) аз ноҳияи Шаҳритуз, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Бигматова Тоҷинисо (РЯМ 2830022764) аз ноҳияи Кушониён, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Эрданов Улмасбой (РЯМ 3330074706) аз ноҳияи Ҷ.Балхӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

## СОҲИБКОРОНИ МАШҲУР

### **Роман** АБРАМОВИЧ



24 октябри соли 1966 дар шаҳри Саратов таваллуд шудааст. Дар айёми кӯдакӣ ӯ волидайнашро аз даст дод. Сипас, чанд соли ҳаёташро Роман Абрамович дар Ухта дар хонаи амакаш гузаронидааст. Соли 1974 ба хонаи амаки дуюмаш ба шаҳри Маскав мекӯчад. Пас аз хатми мактаб як муддат дар техникуми саноатии Ухта таҳсил мекунад ва онро хатм накарда солҳои 1984-1986 ба хизмати ҳарбӣ меравад. Ҳамчунин, дар Донишкадаи нефт ва гази шаҳри Маскав чанд муддат таҳсил намуд, вале ин даргоҳи илмро хатм накардааст. Баъдтар хонданашро дар Академияи ҳуқуқшиносии шаҳри Маскав идома дода, онро соли 2001 хатм мекунад.

Роман Абрамович дар охири соли 1980 тиҷорати худро оғоз намуд ва дар аввали соли 1990 якчанд ширкат таъсис дода, баъдан ба савдои нафт машғул мешавад. Соли 1990 якчанд ширкати дигар таъсис медиҳад. Соли 1995 ширкати «Сибнефт» таъсис ёфт, ки қисмати зиёди саҳмияҳояшро Абрамович ва Березовский харидорӣ намуданд. Соли 2000 ширкати «Русский аллюмин»-ро таъсис дод. Шариксоҳиби ширкатҳои «Иркутсэнерго» ва «Руспромавто» низ гардид.

Вазъияти молии Абрамович дар моҳи апрели соли 2008-ум 24.3 миллиард долларро ташкил медиҳад. Ӯ соҳиби се ҳавопаймо, панҷ киштӣ, миқдори зиёди автомобил ва се чархбол мебошад. Яке аз киштиҳои Абрамович бо системаи зиддиракетавӣ таҷҳизонида шудааст. Тибқи маълумоти сарчашмаҳо, Роман Абрамович киштии зериобӣ низ доштааст.

Ба бозии футбол таваҷҷуҳ дорад. Мавсуф баъдан ба Британияи Кабир мекӯчад ва то ҳол дар он ҷо зиндагӣ мекунад. Ин соҳибкори маъруф соҳиби 5 фарзанд мебошад.

### **Роман** АВДЕЕВ



Роман Авдеев 17 июли соли 1967 таваллуд шудааст. Мавсуф аз зумраи соҳибкорони машҳуру муваффақи Русия ба ҳисоб меравад. Хизматҳои дар бахши иқтисод намудаи ӯ басо назаррасанд.

Ҳамчунин, ин соҳибкор бо хайрхоҳии хеш мақоми арзанда дорад. Соли 2017 Роман Авдеев аз рӯи номинатсияи «Хайрхоҳи сол» (меценат года) мақоми намоёнро соҳиб мегардад. Мукофотро ҳайати ҳакамони «Крыля аиста» барои шахсоне, ки кӯдакони ятимро дастгирӣ менамоянд, таъсис дода буданд. Ячанд сол қабл барои кӯмаку дастгириҳояш нисбати мушкилиҳои иҷтимоии ятимон соҳибкор бо медали «Спешите делать добро» (шитобед ба корҳои нек) сарфароз гаридонида шудааст.

Роман Авдеев дар Одинсово ба дунё омада, дар ҳамон ҷо мактаби миёнаро хатм намудааст. Сипас, дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ хизмат менамояд. Баъди адои хизмат ба фаъолияти соҳибкорӣ шурӯъ мекунад.

Қадамҳои нахустини Роман Авдеев дар майдони соҳибкорӣ ба ӯ сармояи аввaлаpo дод. Соли 1996 дипломи ЛГТУ-ро ба даст овард. Барои соҳибкор соли 1994 соли бобарор гашт. Роман Авдеев «Бонки Қарзии Москва»-ро ба даст овард.

Бонки Қарзии Москва ҳангоми харидорӣ амалан фаъолият надошт. Амалиётҳо бо асъор ва корҳои инкасатсионӣ, хусусан қарзҳои зудамалишаванда дар таҳкурсии фоидаи Авдеев-бонкдор хобиданд.

Бо мурури замон бастаи назоратии саҳмияҳо моликияти «Концерна Россиум» гардид, ки соли 2006 аз ҷониби ширкати холдингии идоракунии дороиҳо таъсис ёфта буд.

Пас аз чанд сол бонкдори ташаббускор диққати сармоягузорони машҳурро ба монанди IFC ва EBRD ҷалб намуд. Соли 2016 Бонки Қарзии Москва ба гурӯҳи бонкҳои бузурги Русия ворид гардид.

Соли 2011 ӯ Агентии «Домус Финанс»-ро таъсис дод ва баъдан ҳамчун «Инград Недвижимость» машҳур гардид. Ширкати рушди «Инград» баъдан бо ПАО ва «ОПИН» муттаҳид гаридонида шуд. Ду сол баъд Авдеев - сармоягузори «Инград Сервис» - ширкати идоракуниро дар соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ таъсис дод.

Соли 2016 бонкдор гурӯҳи ширкатҳои «Директ Нефт»-ро, ки ба коркарди маҳсулоти нафтӣ машғул буд, харидорӣ намуд. Ғайр аз ин, Авдеев маҳорати соҳибкорияшро дар чандин бахшҳои дигар ба пеш бурда, муваффақ ҳам шудааст.

**Таҳияи Тоҷинисои ЗАЙНИДДИН**

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## § 3. РИВОҶ ЁФТАНИ ИСЛОҲОТИ АНДОЗ ВА РУШДИ НИЗОМИ МИЛЛИИ АНДОЗ (СОЛҲОИ 1999 -- 2006)

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Бо вуҷуди ин, андозбандии соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда камбудиҳои ҷиддие дошт, чунки арзиши патент ва гардиши молу хоҷагидорӣ, даромадҳои соҳибкорони инфиродӣ ба ҳамдигар мувофиқат намекарданд. Дар ин вазъи кор принсипҳои муҳими андозбандӣ риоя намегардиданд ва боиси пастравии рушди соҳибкории инфиродӣ мешуданд. Вобаста ба ин масъала қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2004, № 140 «Дар бораи тасдиқи Тартиби додани патент ва шаҳодатнома ба ашхоси воқеӣ – соҳибкорони инфиродии бе ташкили шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда, ки андоз аз даромадро дар асоси патент ва коэффитсиентҳои минтақавӣ месупоранд ва ҳаҷми пардохташон барои патент танзим мешавад» қабул шуд. Мувофиқи ин қарор ба амалияи андозбандии соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда тағйироти ҷиддӣ ворид карда шуданд: аввалан, навъҳои фаъолияти соҳибкории инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда аз 115 ба 49 расонида шуд. Дуюм, ҳангоми гирифтани патент соҳибкор ухдадор буд, ки дар мақомоти минтақавии Захираи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун супорандаи маблағҳо барои ҳифзи иҷтимоӣ номашро сабт бикунад.

Сабаби кам карда шудани миқдори фаъолияти хоҷагидории патентӣ дар он буд, ки андозбандӣ дар асоси патент ба рушди соҳибкории инфиродӣ мусоидат намекард. Харидани патент ба гардиши молу хароҷоти воқеии соҳибкорон мувофиқат намекард, ки ин боиси аз ҳифзи иҷтимоӣ маҳрум мондани соҳибкорон мегардид.

Андозбандии соҳибкорони дигар, ки дар асоси патент фаъолият намекарданд, мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2004 № 140 дар асоси Гувоҳномаи соҳибкори инфиродӣ сурат мегирифт. Гувоҳномаи соҳибкори инфиродӣ ҳуҷҷати тасдиқкунандаи сабти номи шаҳрванд чун соҳибкори инфиродӣ дар сатҳи давлатӣ мебошад. Дар асоси ин Гувоҳнома ҳама гуна фаъолияти соҳибкориро дар чаҳорчӯбаи қонун, аз ҷумла фаъолияти иқтисодии хориҷиро, ки барои онҳо патент гирифтан лозим нест, анҷом додан мумкин аст. Андозбандӣ аз даромади соҳибкорони инфиродӣ, ки дар асоси Гувоҳнома кор мекунанд, дар заминаи даромади софи аз рӯи дафтари баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот муайянгардида сурат мегирад.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ**
**«Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

## ОЁ МЕДОНЕД?



Ба ақидаи олимони тиб 10 дақиқа нигоҳ кардан ба аквариум хубиҳои хос барои саломатии инсон дошта, он хулқу хӯро беҳбуд бахшида, таппиши қалбро муътадил карда, фишори хунро коҳиш медиҳад.



Барои он ки аскарони Хитой ҳангоми қадамзании ҳарбӣ дар ҳаракаташон иштибоҳ накунанд, ба гиребонҳои ҳарбиён сӯзан, ки нугаш ба тарафи гардан равона шудааст, гузошта мешавад.

## Нақлиёти яхин



Дар Канада навъи нақлиёти боркашеро аз ях сохтанд. Мошини боркаши сохташуда, ки ҳақиқатан бо он ҳаракат карда мешавад, бо 5000 килограм ях сохта шудааст. Дар зери он муҳаррик ҷойгир буда, тавре сохта шудааст, ки яхаш об намешавад.

## СУХАНОНИ ҲАКИМОНА

Саъю кӯшиши дигаронро беарзиш нашуморед.

x x x

Қалби инсон ба мисли сандуқ аст: лабҳояш қулфу забонаш калидаш аст. Ба инсон фақат лозим меояд, ки онро хуб ҳифз намояд.

x x x

Агар меҳрубон бошӣ, хуршед аз самти қалби ту тулӯъ хоҳад кард.

x x x

Чизе, ки занро ба мақоме баландтар аз малоик ва арзише волотар аз алмос қарор медиҳад, оламӣ ботинӣ ва иффату виқори ӯст.

x x x

Фаромӯш макун, ки ҳар чи туро шод созад, дигаронро низ шод месозад.

## Панди рӯзгор

Марде дар биёбон бо нафаре рӯ ба рӯ мешавад, ки бар асари ташнагӣ ва шиддати гармо ба ҳалокат мерасид. Барои наҷоташ аз асп мефуроянд ва андак оберо, ки бо худ дошт, ба ӯ медиҳад. Пас аз он мехоҳад ҳамроҳ савори аспаш бинамояду ба шаҳр биёрад.

- Ман боре ҳам ба асп савор нашудаам. Чи мешавад, ки ту аз асп фуроию дар савор шуданам ёрӣ бирасонӣ? - мегӯяд марди наҷотёфта.

Он мард бехабар аз нияти бади ӯ аз асп фуруд меояд ва дар савор гардиданаш ёрӣ мерасонад. Баробари нишастан ба асп, онро медавонаду наҷотдиҳандаашро дар биёбон танҳо мегузорад.

Марди некхоҳ аз дунболи ӯ медаваду бо овози баланд, ки ба ӯ бирасад, мегӯяд: «Эй фурӯмоя, аз ин ҳодиса бар касе чизе магӯй!»

- Чаро ту аз ин бояд ранҷ бибарӣ? Дигар шармандагӣ нест, чун дар ин биёбон аз ташнагиву гуруснагӣ ва шиддати гармо мемирӣ.

- Ман аз шармандагӣ ва марг наметарсам. Тарсам аз он аст, ки ин ҳодисаро мардум бишнаванд ва оини ҷавонмардиро аз миён бибаранд.

## «Роҳи кабуд» - зидди гармо

Дар пойтахти Қатар - шаҳри Давҳа барои аз гармои шадид наҷот додани пиёдагардҳо ва ронандаҳо қитъаи роҳи автомобилиро ранги кабуд карданд. Мутахассисони араб бар онанд, ки чунин ранг таъсири ҳарорати баланд ба роҳро коҳиш медиҳад. Сатҳи роҳи кабуди озмоишӣ бошад, нурҳои ултрабунафшро бештар рад намуда, радиатсияи офтобиро камтар фурӯ мебарад. Дар натиҷа, ҳарорати роҳ 6 - 10 дараҷа паст мешавад. Зимнан, дар Қатар ҳарорати ҳаво ҳатто дар соя аз 50 дараҷа болотар аст.

## Давои аритмия ва дамкӯтаҳӣ



Барои беморони аритмия (таппиши номуназзами дил) омехтаи 0,5 кг лимӯ (донаҳояшро бароварда аз гӯштқимакунак гузаронед), 0,5 кг асал ва 20 мағзи кӯфташудаи донаи зардолу муфид аст. Ҳамаи онро хуб омезиш дода, як шаб дар ҳарорати хона монда, сипас саҳар ба яхдон гузоред. Пагоҳиҳо яккошуқӣ, пеш аз хӯрок истеъмол намоед.

Инчунин, боз доруи ҷавониро ба шумо тавсия медиҳем, ки давои хуби дамкӯтаҳӣ низ мебошад. Ба 1 кг асал 10 лимӯ ва 10 сараки сири аз гӯштқимакунак гузаронидагиро ҳамроҳ намоед. Омехтаро як ҳафта дар бонкаи даҳонбаста монед. Даворо рӯзе 4- қошуқӣ, дар даҳон як муддат нигоҳ дошта, пасон фурӯ баред. Истеъмоли давои мазкур ба ҳама муфид мебошад.

## Ронандагони таксиҳои Лондон хеле доноанд

**Лондон дар қатори дигар махсусиятҳое, ки дорад, бо имтиҳони сангинаш барои ронандагони таксӣ низ машҳур аст.**



Шояд боварнокарданӣ бошад, вале барои гузаштан аз ин имтиҳон, довталаб бояд тамоми 25 ҳазор кӯча ва ҳама иншооти шаҳрро бо ному мавқеи ҷойгиршавиашон донад. Ҳатто ба сайёҳон оид ба иншоот маълумоти пурра дода тавонад. Ронандагони такси дар ин шаҳр ҷадвали кориро худашон муқаррар мекунанд, зеро роҳкирои такси ин ҷо аз баландтарин роҳкироҳо дар ҷаҳон мебошад.

Боҷу хироҷ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир **Фарзона ШАРИФӢ**

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; МЕЛИКЗОДА К.Н. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НУРЗОДА Ч. - сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ВОҲИДОВ А. - котиби масъули рӯзномаи «Боҷу хироҷ»; НИГМАТОВ М. - сардори шуъбаи иқтисод, буҷет ва андози рӯзномаи «Боҷу хироҷ».

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Мақсуди НЕЪМАТ

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

**Индекс: 68930**

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

**Теъдод: 78 856**